ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №2 (356) 21-уми феврали соли 2025, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)

# РИВОЯТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



*«Агар шумо шахсияти сиёсии дигареро дар замони муосир мешиносед, ки бештар аз мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва рушди фарҳанги ориёӣ самимона заҳмат кашидааст, намуна ва мисол биоваред!»*

*Яъқуб Ясно, нависанда ва пажуҳишгар*

– Як нависанда ва пажуҳишгар ва ҳар касе вақте мавзуеро матраҳ мекунад, бояд он мавзуъро бо далел ва афкори солим баррасӣ ва арзёбӣ намояд. Ман як форсизабони хориҷӣ ҳастам, яъне аз Тоҷикистон нестам, аммо дар бораи Президенти Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақола менависам. Пурсиш ин метавонад бошад, ки чаро бояд мақола бинависам? Посухи ман ин аст, ки тадбирҳои фарҳангии ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон барои посдорӣ аз фарҳанги ҳамаи форсизабони ҷаҳон судманд ва ниҳоят пураҳамият аст. Бинобар ин, мани форсизабон ҳақ дорам, ки дар бораи Эмомалӣ Раҳмон бинависам, қадрдон ва сипосгузори Ҷаноби Олӣ бошам, зеро Эмомалӣ Раҳмон бо посдорӣ аз фарҳанги тоҷикон ва ориёиҳо аз ҳувият ва фарҳанги ҳар ориёӣ ва форсизабон дар ҷаҳон ҳимоят менамоянд.

Дар оғози ин матлаб ду мавзуъро дар бораи ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон матраҳ намудам, ки яке “Паёмовари сулҳ” ва дуюмӣ “Паёмовари огоҳии миллӣ” аст. Чунонки дар оғози матлаб ишора шуд, ҳар мавзуе бояд бо далел ва воқеъбинона мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бар ин асос ман бояд дар бораи ду мавзуъ далел биоварам ва собит намоям, ки чаро ин ду мавзуъро дар бораи Ҷаноби Олӣ матраҳ мекунам.

Мавзуи аввалро мехоҳам бо як матлаби форсӣ ва достоне аз “Гулистон”-и Саъдӣ мавриди баррасӣ қарор диҳам. Дар “Гулистон»-и Саъдӣ достонест, ки «подшоҳе бо ҷамъе аз афрод дар киштӣ савор буданд, аммо яке аз афрод, ки ҳеҷ гоҳе савори киштӣ нашуда буд, аз тарс бисёр нороҳатӣ ва сарусадо мекард. Ҳакиме дар киштӣ буд, аз подшоҳ иҷоза гирифт, то он фардро ором кунад. Подшоҳ иҷоза дод. Ҳаким гуфт, ӯро ба дарё андозед, чанд сарбоз ӯро ба дарё андохтанд ва пас аз чанд лаҳза аз мӯяш гирифтанд, ба киштӣ баргардониданд. Он фард дар гӯшае хазид ва ором гирифт ва қадри киштиро фаҳмид. Ҳаким гуфт, касе “қадри офиятро медонад, ки ба мусибате гирифтор ояд”. Он фард то ғарқ шудан ба мусибате гирифтор наомада буд, қадри офият дар киштиро намедонист».

Ин достонро барои ин ривоят кардам, ки имрӯз миллати тоҷик ба хотири мудирият ва сиёсати мудаббиронаву хирадмандонаи Роҳбари давлати Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон дар офият, амният ва оромӣ ҳастанд. Шояд бархе аз афрод ин офиятро дарк накунанд ваончунон ки лозим аст, қадри онро надонанд. Чаро? Барои он ки аз рӯзе, ки Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон паёми сулҳ овард ва сулҳу ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон асос

*Идома дар саҳифаи 2*

## ВАСФИ ҶАШНИ САДА...



С. 2-3

## ҲАМОВОЗӢ БА ПАЁМИ ПЕШВО



С. 4-5

## БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



С. 8-9

## АЗ ИНТИЗОР ТО ИФТИХОР



С. 11

## ХАБАРҲО



С. 12-14

«Тоҷикистон - ин Ватани биҳиштосоро дӯст доред ва онро чун амонати аҷдодонамон ҳимоя намоед!». Эмомалӣ Раҳмон



# РИВОЯТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

*Идома аз саҳифаи 1*

гузошт ва ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима бахшид, хушбахтона, аз он ба баъд мардуми Тоҷикистон дигар мусибатеро надидаанд, ки қадри офияту оромии мавҷудро бидонанд. Бино бар ин, бояд мардумро мутаваҷҷеҳи офияту оромии мавҷуд кард, то мусибати гузаштаро ба ёд биоваранд ва қадрдони офияту оромии имрӯза бошанд. Кишвари ҷангзадаро дар наздики худ ва кишварҳои ҷангзадаи дигари ҷаҳонро бубинанд, ки мардумашон чӣ қадар дучори мусибатанд, аммо, хушбахтона, дар Тоҷикистон бинобар тадбири ин инсони бузург, ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон, амнияту осоиш барқарор аст ва давлати Тоҷикистон яке аз кишварҳои амну ороми ҷаҳон аст. Ба назари ман, ҳар фарди тоҷик ва умуман кулли мардуми Тоҷикистон қадри Президент ва офияту оромии мавҷуд дар давлатро бояд бидонанд, то ин офият ва амният дар кишвар ҳар чӣ бештар пойдор ва устувор бимонад.

Вақте ки Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон сулҳ ва ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон барқарор намуд, ба мавзуи бисёр сарнавиштсози дигар таваҷҷуҳ кард, ки мавзуи ҳувият ва худшиносии миллии тоҷикон буд.

Агар ҳақиқатро бигӯем, он чӣ имрӯз ба номи ҳувияти эронӣ, адабиёти эронӣ, ривоят ва ҳамосаи миллӣ, адабиёти форсӣ ва забони форсӣ ёд мешавад, дар давраи Сомониён асос ва бунёд гузошта шуданд. Сомониён тоҷик буданд. Тоҷикон яке аз қавмҳои бузурги ориёӣ ҳастанд. Фикр кунем, агар ҳукумати Сомониён рӯи кор намеомад, имрӯз мо адабиёти форсӣ, ҳамоса ва ривояти миллиро дар Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва ғайраҳо доштем?!

Ба назари ман надоштем, зеро шоҳони сомонӣ ва дарбори фарҳангии Сомониён буд, ки адабиёти форсӣ ва ривояту ҳамосаи миллиро асос гузоштанд. Аммо пас аз ҳукумати Сомониён нақши Сомониён ва тоҷикон дар шаклгирии забону адабиёти форсӣ ва ривояту ҳамосаи миллӣ ва мардум ба фаромӯшӣ сипурда шуд ва шаклгирии забону адабиёти форсӣ бештар ба ҳукуматҳо ва ақвоми дигари ориёӣ, аз ҷумла ба эрониён тааллуқ гирифт. Дуруст аст, ки ҳамаи ақвоми ориёӣ дар шаклгирии адабиёт ва забони форсӣ нақш доштаанд, аммо нақши асосиро пас аз ислом дар шаклгирӣ ва ривоҷи забону адабиёти форсӣ ва ривояти миллӣ Сомониён ва тоҷикон доштанд.

Нақши тоҷикон дар шаклгирии забон ва адабиёти форсӣ ва ривояти миллӣ пас аз Сомониён то оғози давраи роҳбарии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд. Хушбахтона, маҳз давраи роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тоҷикон аз лиҳози фарҳангӣ ва миллӣ дар ҷойгоҳи таърихии худ қарор гирифтанд ва ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон таъкид бар нақши тоҷикон дар шаклгирии ҳувият ва фарҳанги ориёӣ кард ва кишварҳои минтақаю ҷаҳон, ҷойгоҳи тоҷиконро дар шаклгирии фарҳанги ориёӣ, адабиёту забони форсӣ ва ривояту ҳувияти миллӣ дарк карданд.

Биёед, воқеъбинона ин саволро матраҳ кунем, ки кадом шахсияти сиёсӣ дар кишварҳои форсизабон бештар аз ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон барои фарҳанги тоҷикон ва дар кулл барои фарҳанги ориёӣ ва адабиёту забони форсӣ заҳмат кашида ва талош кардааст? Агар шумо шахсияти сиёсии дигареро дар замони муосир мешиносед, ки бештар аз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва рушди фарҳанги ориёӣ самимона талош карда, заҳмати зиёд кашидааст, намуна ва мисол биоваред! Ҳақиқат ин аст, ки дар замони муосир дар кишварҳои форсизабон мо ғайр аз ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон шахсияти сиёсии дигаре надорем, ки барои ҳувият ва фарҳанги тоҷикон, ориёиҳо ва форсизабонҳо дилсӯз бошад.

Ҷашни Наврӯз, ҷашни Чилла (Ялдо), ҷашни Меҳргон ва соири ҷашнҳои ориёӣ ва ривоятҳои миллию мардумии ориёӣ дар кишварҳои форсизабон ва дар ҷаҳон дар ҳоли фаромӯшӣ буданд. Ин талош ва иқдомҳои ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон буд, ки аз ҷумла ҷашни Наврӯз ва ҷашни Чилла аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо карда, мӯҷиби эҳёи ҷашни Меҳргон ва дигар ҷашнҳои ниёгон дар сатҳи миллӣ шуданд.

Хушбахтона, бар асоси роҳбарӣ ва сиёсати фарҳангии таъсиргузори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Тоҷикистон марказ ва ҳувияти фарҳанги тамаддуни ориёӣ аст. Дар Эрон ва дар ҳеҷ кишвари форсизабони дигар тандисҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Куруш ва соири шахсиятҳои форсизабон ва ориёӣ дида намешаванд.

Қобили ёдоварӣ ва хурсандӣ аст, ки дар Тоҷикистон боғҳо ба номи ин бузургон номгузорӣ шуда ва барои арҷгузорию эҳтироми ин бузургон тандисҳояшон сохта шудаанд, то аз як тараф, ин бузургон фаромӯш нашаванд ва аз тарафи дигар, наслҳои ҷавон ва баъдӣ ҳарчи беҳтар ва бештар бо гузаштаи фарҳангӣ ва бо бузургони фарҳангии худ шинос шаванд.

Ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон фаротар аз иқдоми амалӣ барои ҳимоят ва посдорӣ аз фарҳанги ниёгон ва ҳувияти тоҷикон андеша, идея ва фикр низ эҷод кардааст. Ҷаноби Олӣ дар китоби "Забони миллат - ҳастии миллат" барои ҳифз ва бақои ҳувияти як миллат доштани забони модариро зарурӣ медонад ва ин идеяро матраҳ мекунад, ки барои ҳифзу тақвияти ҳувият ва огоҳии тоҷикӣ ва миллӣ ба забони тоҷикӣ ва модарӣ эҳтиёҷ аст, зеро вуҷуд (ҳастӣ) ва ҳувияти миллат бо забони миллат пайванд ва иртиботи ногусастанӣ дорад.

Бинобар ин, ҷаноби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар замони ҳозир метавон содиқтарин ва серталоштарин фарзанди ориёӣ ва тоҷик барои фарҳанг, ҳувият ва ривояти ориёиҳову тоҷикон донист. Аз ин назар, ҳар тоҷик ва форсизабон чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ берун аз Тоҷикистон бояд қадрдон ва сипосгузори ин шахсияти беназир бошад.

*Яъқуб ЯСНО,*
*нависанда ва пажуҳишгари минтақавӣ*

*P.S. Бознашр аз АМИТ «Ховар»*

# ВАСФИ ҶАШНИ САДА

**Ҷашни Сада яке аз се ҷашнҳои куҳантарин ва бузургтарини бостонии мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон буда, ба даҳуми баҳманмоҳи (ҳафтаи нахустини моҳи феврал) рост меояд.**

**Боиси ифтихору хушнудист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин се ҷашни муқаддаси миллиро (Меҳргон, Сада, Наврӯз) ҷашнҳои расмии миллӣ эълом дошта, барои ҷашнгирии бошукуҳи онҳо талоши самимӣ меварзад. Дар ҳақиқат барои зиндаву поянда доштани ин ҷашнҳо, ки дар роҳи худогоҳии миллӣ аҳамияти махсус доштанду доранд, фарзонагону донишмандони ҳар давру замони мо пофишориҳои фаровон карда, гоҳе ҷон ба гарав гузоштаанд.**

Бузургоне чун Фирдавсии Тӯсӣ ҳангоми ҳамлаи арабҳо ба Эрон, дар баробари таассуф доштан аз он ки «Эрон куноми палангону шерон мешавад», дареғу дард дошт, ки ҷашнҳои Наврӯзу Сада тира хоҳанд гашт:

*Аз ин зоғсорони беобу ранг,*
*На ҳушу на дониш, на ному на нанг.*
*Ҳам оташ бимирад ба оташкада,*
*Шавад тира Наврӯзу ҷашни Сада.*

Мутаассифона, ин ҷашни хеле зебои тоҷикон гармиву равшании худро то андозае аз даст дода, дар садсолаи охир тира гаштаву рӯ ба нобудӣ ниҳодааст. Ҷашни Сада ба ҳеҷ дину мазҳабе пайвастагие надошта, як ҷашни миллии эронитаборон мебошад.

Дар адабиёти нимаи аввали XI мавзуи ашъори шоирон, аз ҷумла шоирони дарбори Ғазнавиёнро бештар мавзуъҳо аз ҳаёти воқеӣ-тасвири ҳолати ошиқ, зебоиҳои маъшуқа, ҳодисаҳои табиат, фаслҳои сол, авсофи меваҳо, инчунин инъикоси ҷашнҳои миллӣ фаро мегиранд. Дар ашъори шоирони дарбори Ғазнавиён-Унсурии Балхӣ, Фаррухии Сиистонӣ ва Манучеҳрии Домғонӣ, ки аслан суннатҳои шоирони пешинро идома додаанд ва маҳорати суханварии худро бештар дар тағаззулоти қасидаҳояшон ба харҷ дода, тасвирҳои ҷолиберо офаридаанд, мавзуи тасвири ҷашнҳои миллӣ мавқеи муҳим дорад.

Таърихнигорони бузурги форстоҷик, аз ҷумла Берунӣ, Байҳақӣ, Гардезӣ дар китобҳои худ овардаанд, ки ҷашнгириҳои Сада, ба сони ҷашнҳои Меҳргон ва Наврӯз дар замонҳои исломӣ, то истилои муғул идома дошта, ҳатто дар аҳди шоҳони турктабор бо ҷалолу шукуҳи вижа баргузор мешудааст. Унсурӣ дар замони хукмронии Ғазнавиён ба ҷашни Сада қасидае сароида, онро ба Маҳмуди Сабуктегин мебахшад, ки матлаи он чунин аст:

*Сада ҷашни мулуки номдор аст,*
*Зи Афредуну аз Ҷам ёдгор аст...*

Васфи зебоиҳои табиат ва ҷашнҳои миллӣ дар ҳама навъҳои адабии эҷодкардаи Унсурӣ садо медиҳанд. Аммо аз ҳама беш шоир дар ин масъала доди суханро дар ташбибҳои қасидаҳояш додааст. Дар тағаззулоти Унсурӣ аксар ситоиши табиат ва оҳангҳои ишқӣ гузориш доранд. Вале бисёртар дар байни байтҳои боқимондаи достонҳояш ба пас дар қасоид ва дигар асарҳои лирикиаш оҳангҳои панду андарз ҳам боздид мешаванд. Дар ашъори Унсурӣ, махсусан дар қисмати аввали онҳо васфи табиату баҳори зебо, тасвири манзараҳои дилнишин, ҳусну ҷамоли маъшуқа ва аҳволи ошиқ, васфи ҷашнҳои ниёгони халқи тоҷик - Наврӯз. Суханҳои ӯ дар бораи ҷашнҳои қадима бошанд, низ дар ташбибҳояш омадаанд.

Чунонки дар боло овардем, Унсурӣ дар яке аз ташбибҳои ба тасвири ҷашни Сада бахшидааш ёдгори Афредуну Ҷам будани Садаро таъкид карда, нуру тоби оташи шабонаро, ки дар ҷашн фурӯзон сохтаанд, бо як ҳисси баланди шоирона васф намудааст. Е. Э. Бертелс ин ташбибро пурра нақл карда, мувофиқи он тарзи ҷашнгирии Садаро дар он давра қайд намудааст.

Маълум аст, ки дар давраи Унсурӣ ҷашнгирии Сада, ҳамчун яке аз идҳои қадимӣ маъмул буд. Ташбиби Унсурӣ, ки дар аввали қасидаи ба амир Наср бахшидашуда омадааст, дар тасвири Сада ранги воқеӣ гирифтааст. Ба ҷиҳати ин Бертелс дуруст таъкид кардааст, ки он ба эҷодиёти давраҳои аввали Унсурӣ мансуб аст. Тасвири оташи Сада инчунин дар қасидаи дигари мадҳи амир Наср омадааст.

Дар талаби яке аз қасидаҳои Унсурӣ, ки дар мадҳи Маҳмуд аст, ин байтҳо собит шудаанд:

*Худойгоно, ҷашни худойгонон аст,*
*Бихоҳ бодаву бифрӯз хисравиозар.*
*В-агар набошад оташ, сиёсати ту бас аст,*
*Сиёсати ту зи оташ басе фузуд шарар.*
*Агар аз ӯ шараре даррасад ба кӯҳи баланд,*
*Дар ӯ намонад ҷуз тӯдаҳои хокистар.*

Дар ин байтҳо низ тасвири Сада рафтааст, вале ин тасвир бо тарзи ифодааш аз тасвирҳои номбаршудаи Сада қисман фарқ кардааст. Агар шоир дар он қасидаҳо Сада ва оташи онро васф карда бошад, дар ин ҷо сиёсати соҳибҷоҳро аз ин оташ беҳтар ҳисобидааст.

Ин аҳвол ҳамоно ба сиёсати исломпарастӣ ва таассуби динии Маҳмуд вобаста шудааст. Ин шоҳи баландсавлат муқобили дину ойин ва расмҳои қадимӣ буд ва ба ҷои онҳо дину одатҳои исломро тарғиб менамуд. Ба ин ҷиҳат вай оҳистаоҳиста зидди Сада баромадааст ва аз ин рӯ бо тақозои сиёсат акнун дар бораи ин ҷашн овозро паст кардани шоир лозим шудааст.

Дар гуфтори зерини Унсурӣ ба ин маънӣ кушодтар бармехӯрем:

*Худойгоно, гуфтам, ки таҳният гӯям,*
*Ба ҷашни деҳконоин ба зиннати баҳман,*
*Ки андар ӯ бифрӯзанд мардумон маҷлис,*
*Ба гавҳаре, ки бувад сангу оҳанаш маъдан...*
*Чунин ки дидам оини ту қавитар буд,*
*Ба давлат андар з-ойини Хусраву Баҳман.*
*Ту марди диниву ин расими (расм) габргон аст,*
*Раво надорӣ бар расми габргон рафтан.*
*Ҷаҳониён ба русуми ту таҳният гӯянд.*
*Туро ба расми касон таҳният нагӯям ман.*
*На оташ аст Сада, балки оташ оташи туст,*
*Ки як забона ба тозӣ занад, яке ба Хутан.*

Ин ҷо Унсурӣ ҷашну ойини Садаро «расми габргон» номида, расми нави Маҳмудро, ки ба дини ислом асос ёфтааст, қавиву пурзӯр ҳисобидааст. Вай ишора кардааст, ки бо расми шоҳони гузаштаи бостонӣ Маҳмудро таҳният нахоҳад гуфт, баръакс расми нави ӯ лоиқи таҳсину офарин аст; оташи Сада дар назди оташи сиёсати Маҳмуд, ки як забонаш ба арабу дигараш ба Хутан аст, ҳеҷ аст.

Унсурӣ барои дастгирии сиёсати Маҳмуд ошкоро Садаро - ҷашнеро, ки пештар худаш тавсиф намудааст, нораво ҳисобидааст ва ба ҷояш расму суннати динии маҳмудиро тарғиб намудааст.

Чунин амалиёт барои гардондани рӯҳи халқ аз оину одатҳои бостонӣ, хоса

# ДАР ҚАСИДАҲОИ НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI



аз ҷашни Сада кӯшиши зарароваре буд. Вале чунон ки мебинем, сабаби ин кӯшиш ба сиёсати мутаассибонаи соҳибҷоҳ алоқаманд будааст.

Зоҳиран сиёсати Маҳмуд бар зидди Сада барабас нарафтааст. Дар давраи ӯ рафта-рафта дар дарбор махсус ҷашнгирии Сада маҳдуд шудааст.

Аммо бо вуҷуди ҳамаи ин бояд гуфт, ки ҷашнгирии Сада минбаъд низ муддатҳо давом кардааст. Доираи он танг шуда бошад ҳам, баъд аз сари Маҳмуд дар замони Масъуд низ вай як андоза барқарор мондааст. Ба пеш омадани ин ҷашн ва оташи вай ишора кардани Манучеҳрӣ дар як қасидаи мадҳи Масъуд ва ба ҷашн гирифта шудани он вақте аз тарафи ин шоҳзода ишора кардани Байҳақӣ ин маъниро ҳақиқат мегардонад.

Мо дар эҷодиёти Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ дар васфи ҷашни Сада ва оташи он шеъру байтҳое пайдо мекунем, ки дар вақтҳои гуногун ба муносибати ҷашн орастани мамдӯҳ дар истиқболи Сада ва пеш омадани ин рӯзи фархунда бунёд шудаанд. Маълум, ки тарафдорони ҷашни Сада он вақтҳо чӣ дар замони Маҳмуд ва чӣ баъди ӯ дар ҳама ҷо, дар байни мардуми одӣ ва давлатмандону феодалон низ бисёр будаанд ва онҳо дар рӯзи гузориши он хурсандӣ мекардаанд.

Васфи ҷашнҳои миллиро Унсурии Балхӣ асосан дар қисмати ташбибҳои қасидаҳояш кардааст. Дар шаклҳои шеърии дигар ба нудрат аз ин мавзуъ сухан кардааст. Лекин ҷо-ҷо мо бо номи ҷашнҳои миллӣ, хусусан бо номи ҷашни пуровозаи Наврӯз дар қитъаот ва рубоиёти шоир вомехӯрем.

Фаррухӣ низ дар ашъори худ чун муосиронаш ба ҷашнҳои маъмули он давр Меҳргон ва Сада ишораҳо кардааст. Вай на танҳо ин ҷашнҳоро медонистааст, балки дар иди онҳо бисёр иштирок намуда, шодию хурсандиҳо кардааст ва ба таассуроти аз ин идҳо пайдо кардааш, бо ҳунармандии хоси худ либоси бадеӣ пӯшонидааст.

Шоир дар ташбибе дар таҳнияти Сада ва васфи оташи он чунин сухан рондааст:

***Гар на ойини ҷаҳон аз сар ҳаме дигар шавад,***
***Чун шаби торе ҳаме аз рӯз равшантар шавад.***
***Равшаноӣ осмонро бошаду имшаб ҳаме***
***Равшанӣ бар осмон аз хоки тира бар шавад.***
***Равшанӣ бар осмон з-ин оташи ҷашни Сада-ст***
***К-аз сарои хоҷа бо гардун ҳаме ҳамсар шавад.***
***Оташе кардаст хоҷа, к-аз фаровон муъҷизот,***
***Ҳар замон гирад ниҳоде, ҳар замон дигар шавад.***
***Гоҳ гавҳарпош гардад, гоҳ гавҳаргун шавад,***
***Гоҳ гавҳарбор гардад, гоҳ гавҳарбар шавад.***
***Гоҳ чун зарриндарахт андар ҳаво сар баркашад,***
***Гаҳ чу андар сурхдебо луъбати Барбар шавад.***

Боз дар ёздаҳ байти дигар бо такрори калимаи «гоҳ-гоҳ» дар аввали байтҳо чигунагии оташи фурӯзон бо муқоисаву ташбеҳҳои рангоранг тавсиф шудааст. Дар ин тавсиф шоир суханро ба ҳар тараф печутоб додааст, баланду паст шудани оташ, рангу шакли он, фурӯғу шарораш, ларзишу дам ва забонаашро як-як қайд намудааст. Ин байтҳо васфи ҷилодори оташи Сада мебошанд ва бо вуҷуди муболиғавӣ будан мазмуни воқеӣ доранд.

Хулоса, ҳамаи инҳо аз зиндадилию ҳаётдӯстии Фаррухӣ ба хубӣ дарак медиҳанд. Ӯ дӯст доштан, хурсандӣ кардан истеъмол кардани май, иштирок кардан дар ҷашнҳоро бо ҷуръат тарғиб карда, аз мастию хурсандию зиндадилии қаҳрамони лирикии худ баланд гуфтугӯ намудааст.

Манучеҳрӣ дӯстдори ҷашнҳои қадима будааст ва ба онҳо самимияти тамом доштааст. Вай ин идҳоро бо ҷон баробар дидааст ва аз онҳо ба ваҷд омада, хеле шоду мамнун шудааст. Рақсу шӯхӣ, маю мутриб ва маҷлисҳои базми дилнишин дар ин вақтҳо шавқи ӯро рӯҳбаланд сохтаанд ва ӯ ҳамон  ба назди бостон, ба назди бунёдкунандагони чунин таомулҳои рӯҳбахш сар хам кардааст. Шоир дар бораи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада ва расму одатҳои дигари мардуми ориёитабор зиёд сухан гуфтааст.

Дар қасидае, ки ба Амир Бахтиёр унвон шудааст, баъди панҷ байт дар талаби бода ва ҳафт байти мадҳ аз ҷашни Садаю оташи он чунин сухан мешунавем:

***Ҷашни Сада, амиро, расми кибор бошад,***
***Ин оини Каюмарс, в-Исфандиёр бошад.***
***З-он барфурӯз, к-имшаб андар ҳисор бошад,***
***Ӯро ҳисори миро марҳу афор бошад.***
***Он оташе, ки гӯӣ нахле ба бор бошад,***
***Аслаш зи нур бошад, фаръаш зи нор бошад.***
***Чун бингарӣ ба арзаш, аз кӯҳсор бошад,***
***Чун бингарӣ ба тӯлаш, сарву чанор бошад...***
***Чун лолазор бошад, чун марғзор бошад,***
***На лолазор бошад, на марғзор бошад,***

Манучеҳрӣ дар ташбиби қасида низ аз соқӣ ва талаби май гуфтугӯ кардааст. Аммо ин талаби ӯ дар шаби ҷашни Сада ба амал омадааст, ки вай ба ин ҷиҳат амир Бахтиёрро ба барафрӯхтани оташи он ташвиқ кардааст.

Дар ин ҳангом сухан аз маю Сада, ки дар он шаб бояд асоси хурсандии аҳбоб қарор гирад, ҳатмӣ шудааст. Манучеҳрӣ бо завқ соқиро ба майдиҳӣ даъват намудааст ва то рӯзгор ҳаст, бода хӯрданро барои ҳамгинон зарур ҳисобидааст.

Ҷашни Садаро расми кибор ва оини Каюмарсу Исфандиёр гуфтани шоир дуруст аст. Асосгузори ин ҷашн мувофиқи баъзе ривоятҳо Каюмарс мебошад. Манучеҳрӣ оташи Садаро васф намуда, асли онро нур, фаръашро нор, арзашро аз кӯҳсор, тӯлашро ба ҳадди сарву чанор, рангашро чун лолазор, ҳаракату қарорашро мисли мор ва ғайра дидааст. Тасвири Садаву оташи он ва талаби май рӯҳи ҳаётии шеъри шоирро таъмин намудаанд.

Сухан аз Сада ва оташи он дар шеъри зерини Манучеҳрӣ низ омадааст:

***Омад эй сайийди аҳрор, шаби ҷашни Сада,***
***Шаби ҷашни Садаро ҳурмати бисёр бувад.***
***Барфурӯз оташи Барзин, ки дар ин фасли шито***
***Озари Барзини пайғамбари озор бувад.***
***Оташе бонд чунонки фарози аламаш***
***Бартар аз доираи гунбади даввор бувад...***

Пас аз ин шоир аз дуди оташ ва шарари он сухан ронда, баъд хоҷаро ба майнӯшӣ даъват кардааст:

***Май хӯр, эй сайийди аҳрор, шаби ҷашни Сада,***
***Бода хӯрдан, бале, аз одати аҳрор бувад.***

Ба назари Манучеҳрӣ Сада ҳамчун яке аз ҷашнҳои иззатманди бостонӣ будааст. Вай ба хоҷа аз омадани ин ҷашн башорат дода махсус таъкид кардааст, ки ҳурмати шаби ин ҷашн афзун аст. Ӯ хоҷаро ба оташафрӯзӣ даъват карда, ба таърифи оташ гузаштааст.

Ҷашн боиси хурсандии умум буд ва мувофиқи ин ба гардиш даромадани косаи май гулранг ҳатмӣ мегашт. Аз ин рӯ ба майнӯшӣ таклиф шудани хоҷа аз тарафи Манучеҳрӣ дар ин шаб як амри табиӣ буд.

Манучеҳрӣ дар аввали қасидае аз ҷашни дигари қадимии халқҳои эронӣ-Баҳманчана сухан рондааст. Ҷашни Баҳманчана рӯзи дуюми моҳи Баҳман (моҳи ёздаҳуми соли шамсӣ, ки ба 22-юми январ- 20-уми феврал рост меояд) баргузор мешудааст. Сухани шоир, аз Баҳманчана, ки аз қасидаи ба Масъуд унвон шуда мебошад, ин аст:

***Расми Баҳман гиру аз нав тоза кун Баҳмачана,***
***Эй дарахти мулк, борат иззу бедорӣ тана.***
***Урмузду Баҳману Баҳманчана фаррух бувад,***
***Фаррухат бод Урмузду Баҳману Баҳманчана.***
***Рост пиндорӣ булурин ҷомҳои чиниён***
***Бар сари тасвири зангориву банди ойина.***
***Ё ба минқори зуҷҷоӣ барканад товуси нар***
***Паррҳои тӯтиён аз тӯтиён вақти чина.***
***Эй худованде, ки рӯзи хашми ту аз хашми ту***
***Дарҷаҳад оташ ба санги оташу оташзана.***
***Хашми ту чун моҳии фарзанди Довуди набӣ,***
***К-ӯ биявборад ҷаҳон, гӯяд, ки ҳастам гурсуна.***
***Дар дуои муъминину муъминотӣ з-он ки ҳаст***
***Зери борат гардани ҳар муъмину ҳар муъмина.***
***То тавонӣ, шаҳрёро, рӯзи имрӯзин макун***
***Ҷуз ба гирди хум хиромиш, ҷуз ба гирди дан дана.***
***Бомдодон ҳарби ғамро таъбия кун лашкаре,***
***Ихтиёраш бар талоя, ифтихораш бар буна.***
***Ту ба қалби лашкар-андар, хуни ангурон ба даст,***
***Соқиён бар майсара, хунёгарон бар маймана.***
***Соқиёни ту фиканда бода андар ботия,***
***Ходимони ту фиганда анбар андар мадхана.***
***Мутрибон соат ба соат бар навои зеру бам,***
***Гоҳ Сарвистон мананд имрӯзу гоҳе Ишкана,***
***Гоҳ Зери Қайсарону гоҳ Тахти Ардашер,***
***Гоҳ Наврӯзи Бузургу гаҳ навои Баскана,***

Манучеҳрӣ аз Масъуд талабидааст, ки расми Баҳман гираду аз нав ҷашни Баҳманчанаро тоза кунад. Зоҳиран ба Масъуд ин ҷашн мисли ҷашнҳои дигар хуб маълум будааст ва Манучеҳрӣ  онро ҳатто барои ӯ «фаррух» ҳисобидааст.

Дар ин маврид аз ҳинои сабзи сари ангушти маъшуқон сухан рондани Манучеҳрӣ табиист. Ҳангоми ҷашнҳо аз ҷумла ҷашни Баҳманчана сари ангуштро сабз кардани занон ва ҳар гуна нақшу нигори идона кардани онҳо одат буд.

Дар байтҳои баъд шоир ба овози чанг май хӯрданро таклиф кардааст. Умуман, дар он замон дар ҷашнҳо аз рӯи одат бо маю чанг хурсандӣ кардан табиӣ буд.

Ҷашни Сада ҳам чун Меҳргон дар давраи Манучеҳрӣ маъмулӣ буд ва аз ин рӯ шоири табиатгаро аз он бамаврид сухан кардааст.

Ҳамин тарз диди эстетикии қаҳрамони лирикии Манучеҳрӣ бо ваҳдати эстетикии табиати моддӣ пайвастагии ҷудонашаванда доштааст. Табиат барои ӯ макони хушбахтӣ, макони комронӣ ва ишқу зебоист ва образи вай дар ситоишу васфҳои беназиру нотакрори муҷалло чун шахси ғолибан ватандӯсту ватанхоҳ ва қаҳрамони далеру шуҷоъ зуҳур мекунад.

Хулоса, шоирони бузурги дарбори салотини ғазнавӣ – Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ новобаста аз он ки дар дарбори яке аз шоҳони ҷаррору мутаассиб Султон Маҳмуди Ғазнавӣ хизмат мекарданд, аммо гоҳ-гоҳ ба саройидани ашъор дар васфи ҷашнҳои миллии мардумони куҳантаъриху фарҳангпарварашон майл доштанд. Ин шоирони  тозаандешу балеғсухан бо ин роҳ мехостаанд на танҳо соҳибону намояндагони ин фарҳангу таърихи куҳанро бо гузаштаи пурифтихори худ шинос намоянд, ҳамчунин онҳо хоҳиш бар он доштаанд, ки рӯҳу равони мамдӯҳони бегонатабору аҳримансифати худро низ тарбият намоянд.

Дар поёни ин навиштаҳо базгӯ намудани ин нукта зарур дониста мешавад, ки ҷашни Сада пайвастагие бо бовариҳои динӣ надошта, рӯзест, арҷгузорӣ ба беҳтарин подошҳои Худованд – ба офтобу оташ, ки рушноиву гармӣ меоваранд.



*Ашурова Нодира-доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷик*

«Қарзи инсон дар назди Ватан муқаддас аст».

Василий Сухомлинский

Анвори дониш
№2 (356), ҶУМЪА, 21.02.2025

# ИФОДАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Таҳлили ҳамаҷонибаи мазмун ва муҳтавои Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат нишон медиҳад, ки маҷмуаи масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, яъне ташаббусу барномаҳои мушаххас барои таъмини зиндагии сазовор барои шаҳрвандони кишвар, рушди устувори иқтисодӣ ва ғамхории васеъ нисбат ба ҳар як қишри ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор доранд.

Паём бори дигар дидгоҳи мардумсолор ва сиёсати халқпарвару инсонмеҳвари Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба пуррагӣ ифода ва инъикос менамояд.



Бахши марказии Паёми Пешвои муаззами миллатро баррасии вазъияти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва таҳлили дурнамои миёнамуддат ва дарозмуддати он ташкил медиҳад. Дар низоми сиёсии давлатдорӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмӣ ва муҳимми барномавӣ буда, оинаи равшани рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии Тоҷикистон, барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳо мебошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, дар Паём вазифагузорӣ шудааст, ки “мо бояд минбаъд низ доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ кӯшиш намоем”. Бо ин мақсад дар кишвар заминаҳои мусоид муҳайё гардида, стратегияву барномаҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд. Тайи солҳои охир татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” амалӣ гардида, нишондиҳандаҳои маҷмӯии рушди иқтисодӣ асосан иҷро гардида истодаанд.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат моҳияти равандҳои асосии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ арзёбии амиқ ёфта, маҷмуи масъалаҳои муҳиммтарини ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии мамлакат баррасии ҳамаҷониба гашта, барои рушди устувори ҳар як соҳа ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар онҳо дастуру супоришҳои қатъӣ ва таклифу ҳидоятҳои зарурӣ дода шуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои рушди соҳаҳои гуногуни саноатӣ, ташаккули иқтисоди сабз, рақамикунонии иқтисодиёт, ташаккули маърифати молиявӣ, баландбардории фарҳанги андозсупорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ дар кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Сарвари давлат ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ ба самтҳои афзалиятнок ишора намуда, иброз доштанд, ки такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси маҳзани мукаммали миллии маълумотро бояд ҷоннок намуд.

Ҳамзамон, иброз намуданд, ки рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ метавонад, ҷиҳати рушди иқтисодиёти рақамӣ заминаи мусоид гузорад.

Зимни ироаи Паём аз ҷониби сарвари давлат ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуд.

Ин иқдоми наҷиб ҷиҳати такмил ва тайёр намудани мутахассисон дар самти бозорҳои ба технологияҳои рақамӣ асосёфта, кадрҳои соҳибтахассус ва ҳайати идоракунанда барои пешбурди лоиҳаҳои рақамӣ ва дар маҷмӯъ барои рушди малакаи рақамӣ ба ҳисоб рафта, тайёр намудани мутахассисон дар самти иқтисодиёти рақамӣ омили асосии гузариши муттасили марҳила ба марҳиларо барои амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ таъмин месозад.

Гарчанде, ки таҷрибаи амалии ҷорӣ намудани истифодаи технологияҳои рақамӣ мавриди васеи истифода қарор гирифта бошанд ҳам, назария ва методологияи иқтисодиёти рақамӣ айни замон пурра мукаммал нагардида, бахусус сатҳи омодагии мутахассисон беҳбудиро тақозо дорад.

Зимни ироаи Паём сарвари давлат иброз намуданд, ки дар соли 2024 нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуда, суръати рушди воқеии иқтисодиёт ба 7 дарсад ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 60 миллиард сомонӣ баробар гардидааст.

Дар соли 2024 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз афзоиш ёфта, даромади пулии аҳолӣ дар панҷ соли охир, 3 дарсад ва музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар, андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфтааст.

Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки натиҷаи ду соли татбиқи барномаро ҳаматарафа таҳлил карда, минбаъд ҳамаи имкониятҳои мавҷударо барои сифатнок амалӣ гардонидани он сафарбар намояд. Ҳамзамон бо ин, самаранокӣ ва қобилияти рақобати ҳамаи иқтидорҳоро ба таври назаррас баланд бардошта, ислоҳоти соҳаҳои иқтисоди миллиро идома диҳад.

Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шудааст, ки ин аз пешравии мамлакати мо гувоҳӣ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки беҳбуди вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат дар буҷети давлатӣ вазифаҳои иҷтимоии он ба инобат гирифта шуда, Ҳукумати кишвар барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум пайваста чораҷӯӣ намуда, бо дарназардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва имкониятҳои имрӯзаи молиявӣ ҳамасола музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ зиёд карда мешавад.

**Бояд зикр намуд, ки дар баробари таҳлилу баррасӣ ва дурнамои масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ҳамзамон паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвар, аз ҷумла тандурустӣ, илму маориф, фарҳанг, ҷавонон, занону модарон, худшиносии миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкориҳои минтақавию ҷаҳонӣ, масъалаҳои вобаста ба хатару таҳдидҳои замони муосир ва дигар мавзуъҳои сарнавиштсози ҷомеаи Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд, ки шарҳу тавзеҳи онҳо паҳлуи дигари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олиро талаб менамоянд.**

Бинобар ин, мо бевосита ба таҳлили масъалаҳои самти иқтисодӣ-иҷтимоии Паёми Пешвои миллат, дар даврони истиқлол, ки инъикоскунандаи рушди бонизоми иқтисодиёти кишвар мебошад, таваҷҷуҳ намуда, муҳимияти онро баён намудем.

Мусаллам аст, ки иҷрои барномаҳои инкишофи иқтисодии кишвар бар души мо ҷавонон вогузор мегардад. Бо назардошти ин моро зарур аст, ҳамеша дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор дода, дар пайи иҷрои ин иқдомҳои пешгирифтаи Сарвари давлатамон бошем.

Хулоса, аз таҳлил ва баррасии Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълум гардид, ки соҳаи иқтисодӣ дар қатори дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мақоми калидиро дар низоми сиёсии кишвар ташкил медиҳад. Дар шароити муосир иқтидори иқтисодии давлат муайянкунандаи мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Тадбирҳои андешидаи Сарвари давлат дар ин самт зарурӣ, саривақтӣ ва ифодакунандаи дурнамои рушди мамлакат мебошад.



*Расулзода Лутфия, дотсент, декани факултети иқтисод ва идора*

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-ДУРНАМОИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР

Мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳамасола бо як ҷаҳон умед ва боварӣ ба фардои дурахшони Ватани азизамон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии мамлакат интизор мешаванд. Зеро Паёми Президенти кишвар дастури амалиест, ки барои фаъолияти минбаъда аз рӯзҳои неки дар пеш истода, аз содатмандию фирӯзии халқи заҳматқарин ва дар навбати худ тамаддунпарвару тамаддунхоҳ дарак дода, барои татбиқи ҳадафҳои бунёдкоронаву созандаи кишвари азизамон роҳнамо мебошад.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон нақши бениҳоят муҳим мегузоранд. Аз мазмуну муҳтавои ҳар як Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки тамоми дастуру супоришҳо ва талошҳои Пешвои миллат, пеш аз ҳама ба хотири ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи Тоҷикистон, рушду ободии Ватани азизамон, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, фароҳам овардани шароит барои рӯзгори босаодати халқ, ҳифзу ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ҳалли мушкилоти глобалии замони муосир, таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон, инчунин баланд бардоштани обрую эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҳуҷҷати фарогири таҳлилу баррасии амиқи тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва дурнамои рушди устувори мамлакат дар ҳама самтҳо мебошад. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушду пешрафти соҳаҳои иқтисодиву саноат, сохтмон, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таҳлил намуда, зарур шумориданд, ки дар шароити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодӣ собитқадамона таъмин шуда, сатҳу сифати зиндагии мардум боз ҳам баланд бардошта шавад.

Президенти кишвар Паёми имсоларо вобаста ба сиёсати дохилӣ аз пешравиҳои иқтисодии мамлакат шурӯъ намуданд. Мусаллам аст, ки Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёт зери роҳбарӣ ва ташаббусҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола ба дастоварду муваффақиятҳои беназир ноил гардида истодааст. Тавре ки аз ироаи Паёми Президенти кишвар маълум гардид, Ҳукумати мамлакат барои пешравии иқтисодиёт ва дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ тамоми қудрату имкониятҳои мавҷударо барои боз ҳам беҳтар намудани зиндагии шоистаи мардуми Тоҷикистон равона менамояд. Оид ба пешравии соҳаи иқтисодиёт қайд карда шуд, ки маҷмӯаи маҳсулоти дохилии кишвар вобаста ба суръати рушди воқеии он дар соли 2024 ба миқдори 8,4 фоизро ташкил дода, 150 миллиард сомониро дар бар мегирад.

Боиси сарфарозист, ки бо супоришу роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ бо ҳисоби миёна 7,7 фоиз расонида шудааст, ки ин аз тараққиёти мамлакати мо дар соҳаи иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, ки барои беҳбудӣ ва зиндагии шоистаи мардум равона карда мешавад.

Аз ироаи Паём маълум гардид, ки Ҳукумати мамлакат барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ тамоми саъю кӯшиши худро равона карда, мувофиқи нақша ва барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи дохиливу хориҷӣ ба он зиёда аз 197 миллиард сомонӣ ҷудо гардидааст.

Ҳамин тариқ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи қутбнамо ва ҳадафи воло ба тамоми мардуми шарафманди кишвар ҳамчун дастур хизмат намуда, бо неруи бузурги аҳли зиё ва кулли халқи шарифи кишвар, бо рисолати азалии худ, дар байни мардум коштани тухми маърифат, таблиғи арзишҳои ҷовидонаи миллию умумибашарӣ ва тарбияи инсони комилро бо сарбаландӣ ба сомон мерасонад.

Барои амалӣ шудани ин нияти нек мо, омӯзгоронро зарур аст, бо фаъолияти пурсамари худ, софдилонаву содиқона баҳри рушду ободии Тоҷикистони биҳиштосоямон хидмат намуда, инсонҳое тарбия намоем, ки дастовардҳои Истиқлоли кишварро ҳифз намуда, барои пешрафту тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии он саҳми худро гузоранд.



*Давлатзода Қаламнисо-муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ*

«Барои Ватан кори нимкора намудан маънои ҳеҷ коре накарданро дорад». Максимилен Робеспер



# ЛИДЕР НАЦИИ: ОБРАЗОВАНИЕ И НАУКА-БУДУЩЕЕ ТАДЖИКИСТАНА

28 декабря 2024 года Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон выступил с ежегодным Посланием, в котором обозначил ключевые направления внутренней и внешней политики страны. Послание было приурочено к 30-летию принятия Конституции Таджикистана, которая стала основой независимости и суверенитета государства.

В своём обращении Президент акцентировал внимание на значительных успехах в экономике страны. Он отметил, что денежные доходы населения увеличились с 48 миллиардов сомони в 2019 году до 147 миллиардов сомони в 2024 году, что свидетельствует о значительном улучшении условий жизни граждан. За последние пять лет было создано множество новых рабочих мест, что способствовало снижению уровня безработицы и повышению уровня жизни.

Президент отметил, что в рамках подготовки к 35-летию государственной независимости было инвестировано более 20 миллиардов сомони в создание и благоустройство социальных объектов. За три года построено и сдано в эксплуатацию более 1500 образовательных учреждений, включая дошкольные и средние школы.

Важной частью Послания стало поручение Президента Правительству разработать Программу среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2026-2030 годы.

Хочется отметить, что глава государства уделяет большое внимание сфере образования. Это мы ощущаем уже сейчас. Каждый год повышается заработная плата у учителей.

Несмотря на выполненные на сегодняшний день работы в сфере образования Правительству страны, Министерству образования и науки, руководителям исполнительных органов государственной власти поручается принять конкретные меры с учётом прироста населения и увеличения количества детей и подростков. Также Лидер нации поручил принять конкретные меры по улучшению подготовки качестве преподавания не только в средних учредительных заведениях, но и в высших.

Сегодня в сфере образования страны реализуются восемь государственных программ и две долгосрочные стратегии, которые способствуют развитию воспитания и обучения, реализации реформ отрасли, поддержке школ и педагогов, авторизации учебников нового поколения, совершенствованию содержания учебного процесса.

Сегодня в стране функционируют 65 профессионально-технических лицеев, то есть учреждений начального профессионального образования с 23 500 учащимися, и краткосрочные курсы по обучению профессиям при них с 12 тысячами учащихся, также 88 учреждений среднего профессионального образования – колледжей со 106 тысячами учащихся.

Наряду с этим в период независимости более 117 тысяч человек из числа талантливой молодёжи были направлены для обучения в престижные вузы 42-х развитых стран мира.

Сегодня 42 тысячи 400 человек из числа нашей молодёжи обучаются в 42-х развитых странах мира, из них 13 тысяч или более 30 процентов, составляют девушки.

Следует отметить, что на сегодняшний день всё ещё требует улучшение качества и уровня образования, повышение квалификации педагогов и использования ими современных технологий, внедрение цифровых технологий в процесс учёбы, укрепление материально-технической базы, международного сотрудничества, научного обмена преподавателей и студентов, научно-исследовательских работ и воспитательных мер.

Наряду с этим министерствам образования и науки, экономического развития, Национальной академии наук, Высшей аттестационной комиссии, отраслевым академиям и другим соответствующим структурам было поручено в течение двух месяцев пересмотреть «Государственную программу подготовки научных кадров высокого уровня на 2021-2030 годы» и представить в Правительство страны.

В условиях стабильного развития международного сотрудничества и расширения интеграции Таджикистана в мировое сообщество день ото дня возрастает спрос на специалистов, хорошо владеющих иностранными языками, в том числе русским и английским.

Поэтому необходимо наладить изучение иностранных языков со ступени дошкольного образования.

В завершение своего выступления Глава государства призвал граждан Таджикистана к единству, сотрудничеству и активному участию в развитии республики. Он подчеркнул, что только совместными усилиями можно достичь поставленных целей и обеспечить процветание страны.

В целом, и очередное Послание Президента, Лидера нации Эмомали Рахмона подчеркивает, что образование и наука играют ключевую роль для будущего Таджикистана.

*Нурматова Заррина, к.ф.н., заведующий кафедры современного русского языка*

*Сайдамирова Клара, старший преподаватель кафедры*

## Шеъри рӯз



**Файзи Ашӯр**



### ОТАШИ ИДОНА

Гулхан афрӯз, ки мо меҳр ба гулхан дорем,
Дар сифоташ сухани тозаву равшан дорем.

Даври он чархзанон ғусса ба пояш резем,
К-аз зимистон ғами чун яхзада равған дорем.

Чеҳрае зард агар ҳаст, биё, сурхаш кун,
Ба Худо, дардрабо миллату Меҳан дорем.

Сада ҷашнест, ки диддодаи он нуронист,
Рухи наврӯзӣ аз он дар маҳи Баҳман дорем.

Монда панҷоҳ шабу рӯзи дигар то Наврӯз,
Мо аз имрӯз ба лаб ҳарфи мутантан дорем.

Дуди ин оташи идонаи мо безарар аст,
Ки ба миқдори само сохта равзан дорем.

Остинбарзадагонем чу дар кори хирад,
Асрҳо шуд, ки варо аз лаби доман дорем.

Аз бадонем ҳимоятгари мероси бузург,
То ки аз дониши андӯхта ҷавшан дорем...

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-БАРНОМАИ РУШДИ ДАВЛАТДОРӢ

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи муҳим ҷиҳати рушди давлатдорӣ буда, мақсад аз манзури он натиҷагирӣ аз соли сипаришаванда ва нақшаҳо барои соли оянда мебошад. Паём баёнгари манфиатҳои миллӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба шоҳроҳи тараққиёт ва тақвияту рушди босубот ворид гардидааст, ки натиҷаи ин гуфтаҳо ба таври пурра ва возеҳ дар Паёми солонаи Роҳбари давлат қайд карда шуд. Ҳамасола ҳалли масъалаҳои мушкилоти иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат, зиёд намудани музди маоши табақаҳои ҷомеа, ба хусус мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва соҳаи маориф ва дигар кормандон дар меҳвари Паёми Пешвои миллат қарор дорад. Маҳз соҳаи илму маориф метавонанд дар ташаккули нерӯи зеҳнии ҷавонон ва рушду нумуи кишвар саҳми назаррас дошта бошад. Ин соҳа заминаи асосию боэътимоди давлат барои инкишофи соҳаҳои дигари ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки дар раванди сиёсати давлатӣ соҳаи маориф соҳаи афзалиятнок эътироф гардидааст. Аз ин лиҳоз илму маориф ва тарбияи насли босаводу худшинос дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат пайваста дар сиёсати пешгирифтаи худ ҷиҳати рушд ва инкишофи соҳаи маориф эътибори ҷиддӣ дода, барои фароҳам овардани тамоми шароиту имконоти мавҷуда ҷудо намудани маблағҳои дахлдорро дареғ намедоранд.

Ҳаминро бояд гуфт, ки сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат сиёсати ояндасозу манфиатовар буда, ҳадафи асосии онро таҳкими пояҳои давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона ташкил медиҳад. Дар ин замина, ба масъалаҳои қабул ва мавриди амал қарор додани стратегияву барномаҳои давлатӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Зеро, стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ боиси марҳила ба марҳила амалӣ намудани ҳадафҳои давлат дар самти рушд бо дарназардошти ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи маориф мебошад.

Паём аз нигоҳи илмӣ маҳз барои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, ки дар сатҳои муайян корҳои таҳқиқотӣ анҷом медиҳанд, сарчашмаҳои боэътимод маҳсуб меёбад. Бахусус, барои вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шаванд.

Бояд ёдовар шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми соли гузашта ба Маҷлиси Олии кишвар “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, инчунин ба муносибати 30-солагии қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон кард, ки қобили дастгирии аҳли ҷомеа гардид.

Воқеан бе доштани донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ рӯйдодҳои замони муосирро тасаввур кардан ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки маърифати ҳуқуқӣ системаи донишҳои таърихан ташаккулёфтаи одамон буда, муносибати байниҳамдигарии ҷомеаро фаро мегирад. Ва ифодагари муносибатҳои байниҳамдигарии аҳли ҷомеа оид ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад. Дар ин замина эътирофу эҳтироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, мавриди амал ва ҳимоя қарор мегирад. Маърифати ҳуқуқӣ асоси ҷомеаи демократӣ мебошад. Ин омилест, ки ба танзими равандҳои гуногуни зиндагӣ таъсири мусбӣ дошта метавонад. Яке аз унсурҳои маърифати ҳуқуқӣ риояи бечуну чарои қонун ва сармашқи кори худ қарор додани меъёрҳои қонунгузори кишвар мебошад. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ инчунин инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, таъмини амният ва суботи кишвар нишоне аз унсурҳои маърифати ҳуқуқӣ аст. Маҳз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боис мегардад, ки нисбат ба қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ва калидӣ эҳтиром гузошта шавад.

Ҳамчунин маърифати ҳуқуқӣ ин омили муҳими пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунию ҷиноятсодиркунӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷомеа нақши хело муҳим дорад. Донистан ва аз худ намудани донишҳои ҳуқуқӣ ин маънои онро дорад, ки одам на танҳо қонуну қонуниятҳои давлатию ҷамъиятиро медонад, балки ба дигарон низ мефаҳмонад. Маърифати ҳуқуқӣ сатҳи таърихан муайяншудаи инкишофи ҷомеа буда, қувваи эъҷодӣ ва қобилияти инсон, муносибати байни ҳамдигарии аҳли ҷомеаро дар арзишҳои моддӣ ва маънавии эъҷодшуда баён менамояд. Маърифати ҳуқуқии инсон қисми таркибии маданияти маънавӣ ба ҳисоб рафта, он аз низоми донишҳо, муайянияти арзишӣ, ҳиссиёти равонӣ дар заминаи эътирофу эҳтироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин соҳиби малака ва тавоноӣ мавриди амалисозӣ ва ҳимоя дар муносибатҳо роҳандозӣ мегардад.

Инчунин Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ вобаста ба самти сиёсати хориҷӣ, дар шароити мураккабу пурихтилофи равандҳои геополитикӣ, афзоиши низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои васеъ намудани нуфузҳои худ дар минтақаҳои гуногуни олам чунин ибрози назар намуданд, ки “Мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бухронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва паёмадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозад”.

Вабаста ба ин бояд қайд кард, ки таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷабҳа дар мнтақаи Осиёи Марказӣ барои Тоҷикистон хеле муҳим аст. Дигар ин ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла ҳамкориҳо бо кишварҳои тараққикарда метавонад, ба амалишавии стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Маврид ба зикр аст, ки ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ нақш ва мақоми хоса дошта, дар шароити мураккаби вазъи байналмилалӣ дар ҳалли масоили глобалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор шинохта шудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи муҳим, роҳкушои фаъолияти устувор ва манбаи дастовардҳо дар замони истиқлол буда, ояндаи босаодатро таҳти сиёсати хирадмандона таҷассум менамояд.

*Абдуллоев Насулло, дотсенти кафедраи фалсафа*

«Ватанпарварии олӣ ҷонниcорӣ дар роҳи Ватан мебошад».
Николай Чернишевский

Анвори дониш
№2 (356), ҶУМЪА, 21.02.2025

## БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ 80-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲ

# АВВАЛИН ДОКТОРИ ИЛМ ДАР СОҲАИ ТАҲЛИЛИ МАТЕМАТИКА ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ



*Ислом Ғуломов – д.и.п., профессор, дорандаи «Нишони ифтихор»-и ДДК*

***Бахшида ба 85-солагии омӯзгори намоён, методисти барҷаста, доктори илмҳои физика-математика, профессор Акбаров Раҳмат***

Дар байни донишмандони соҳаи таҳлили математика дар охирҳои асри XX Акбаров Раҳмат ҷои сазоворро муносиб аст. Ӯ баъди хатми омӯзишгоҳи педагогии ш.Кӯлоб (1957) таҳсилро дар ДДК (1957-1962) идома дод. Зарур аст, ки чанд сатр дар ин бора сабт карда шавад. Акбаров дар ин боргоҳи маърифат аз омӯзгор сар карда ба ҳамаи дараҷаҳои илмӣ ва роҳбарӣ–муаллими калон, номзади илм (1980), дотсент (1988), мудири кафедраҳои математикаи олӣ ва таҳлилӣ математика (1982-1998), декани факултети математика (1998-2004), профессор ва мудири кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо (2004-2012), доктор (2009) соҳиб гаштааст. Баъди таҳсил дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Белорусия дар шаҳри Минск бо роҳбарии доктори илимҳои физика ва математика, профессор Эдмунд Иванович Зверович дар мавзуи «Масъалаҳои канории хаттии масоили функсияҳои аналитикӣ бо қисмҳои асосии додашуда» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Минбаъд ӯ тадқиқи ин проблемаро идома дод. Раҳмат Акбаров аввалин шуда дар таърихи коркарди масъалаҳои канории назарияи функсияҳои аналитикӣ комилан ва мустаҳкам ворид гаштааст.

Хусусияти асосии корҳои илмии Раҳмат Акбаров дар соҳаи таҳлили математика аз он иборат аст, ки ҳамаи онҳо ба масъалаи дар боло зикршуда нигаронида шудаанд. Арзиши эҷодиёти илмии ӯ низ дар ҳамин ифода меёбад.

Раҳмат Акбаров доир ба проблемаи таҳқиқ намудааш зиёда аз 120 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои ватанӣ ва хориҷӣ (Белорусия, Русия, ИМА ва ғ.) нашр намудааст. Соли 2006 ӯ монографияро бо унвони «Масъалаҳои канории назарияи функсияҳои аналитикии бо қисмҳои асосӣ додашуда ва муодилаҳои



интегралии махсуси ба онҳо мувофиқ» (Душанбе: Дониш, 2006) ба забони русӣ нашр намуд.

Рисолаи доктории Акбар Раҳматов «Масъалаҳои канории масоили функсияҳои аналитикӣ бо сарбории аъзоҳои озод ва шартҳои иловагии моментҳо», ки онро соли 2009 ҳимоя намудааст, натиҷаҳои муҳимми дар ин соҳа ба даст овардаашро дарбар мегирад. Ва бо ин комёбии илмиаш Раҳмат Акбаров муайян намуд, ки ӯ аввалин доктори соҳаи таҳлили математика дар ДДК ҳисоб меёбад.

Раҳмат Акбаров омӯзгори намоён ва методисти барҷаста буд. Саҳми ӯ дар бобати тайёр кардани дастурҳои таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ басо бузург мебошад. Ӯ ҳамчун муаллифи васоити таълимии «Математикаи олӣ» дар чор ҷилд (ҷ.1-2003, ҷ.2-2003, ҷ.3-2004, ҷ.4-2014), китоби дарсии «Алгебра ва ибтидои анализ» барои синфи 10 (бо ҳаммуаллифии И.Ғуломов ва дигарон) (Душанбе: ОПЕК, 2005), «Ибтидои таҳлили комплексӣ» (Душанбе, 2014), «Функсияҳои элементарӣ дар ҳамвории комплексӣ» (Душанбе -2013) (бо ҳаммуаллифии А.Ҳ.Табаров ва Н.Каримова ва др.) ба донишҷӯён, мактаббачагон ва омӯзгорони мактабҳои олию миёна муаззам аст. Саҳми Раҳмат Акбаров дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ бузург аст. Бо роҳбарии ӯ омӯзгорон Н.Каримова, Хидиров Х. соҳиби унвонҳои илмӣ шуданд. Соли 2014 АИИПФР Акбаровро барои эҷодиёти пурмаҳсулаш академик интихоб намуданд, ки ин ифтихори ДДК ҳисоб меёфт.

Раҳмат Акбаров ба математикҳои сермаҳсул ва барҷастаи тоҷик, ки дар асри XXI зиндагӣ ва эҷод мекарданд, дар як қатор меистад.

# ДЕЛА ЕГО СЛАВНЫ, ИМЯ ЕГО БЕССМЕРТНО!

Рахмат Акбаров – известный учёный, Заслуженный деятель Республики Таджикистан, Отличник народного образования, доктор физико-математических наук, профессор Кулябского государственного университета.

Родился 4 января 1939 г. в кишлаке Боги-Хабиб. Там же окончил семилетку. Затем учился в педучилище и пединституте в Кулябе. Родители рано умерли. Сталинская стипендия едва хватала на содержание себя и младших братьев…

В свои молодые годы ему посчастливилось встретиться с прекрасными педагогами по математике. В школе это был Борис Царикаев, в педучилище и вузе – Мирзо Султанов и Мирзо Ахмедов, которые привили Акбарову любовь к своему предмету, желание заниматься научно- исследовательской работой и стремление к поиску. Ещё раз улыбнулось ему счастье, когда представилась возможность учёбы в аспирантуре Белорусского госуниверситета на кафедре теории функций и математического анализа под руководством известного учёного, доктора физико-математических наук, профессора Эдмунда Зверовича. В 1980 году в Минске состоялась защита кандидатской диссертации Рахмата Акбарова на тему: «Линейные краевые задачи теории аналитических функций с заданными главными частями», где был использован новаторский метод дополнительных контуров. Это направление науки и сама защита получили высокую оценку белорусских учёных.

В последующие годы Акбаров стал заведующим кафедрой математического анализа и директором лицея при университете. Он вёл огромную научно-методическую и научно-педагогическую работу. Помогал молодым учёным и преподавателям. Под его руководством защитили кандидатские диссертации целый ряд учёных–математиков. Им было опубликовано более 130 статей, монография в 300 страниц, написаны учебники и учебные пособия для школьников и учителей, студентов и преподавателей.

Прошло более двадцати лет, прежде чем Рахмат Акбаров представил свой главный труд–докторскую диссертацию. Несколько лет усиленного труда с академиком Леонидом Григорьевичем Михайловым–наставником и научным консультантом–привели в итоге к защите Рахматом Акбаровым своей докторской диссертации на тему: «Краевые задачи теории аналитических и обобщённых аналитических функций с нагруженными свободными частями и с дополнительными заданиями граничных моментов» 3 июня 2009 года на Диссертационном совете Института математики Академии наук Республики Таджикистан. Членами совета была дана высокая оценка научной работе. Рахмат Акбаров получил диплом доктора наук после утверждения Высшей Аттестационной Комиссии России. Кстати, он был избран академиком социально-педагогических наук Российской Федерации. Удостоен медали к 100-летию со дня рождения В.И. Ленина. Был патриотом своей страны.

Леонид Григорьевич Михайлов любил Рахмата Акбарова за его трудолюбие, доброту, честность. Многие труды были выполнены совместно с Акбаровым. Они получили высокую оценку учёных России, Германии, США, Румынии и т.д. Рахмат Акбаров, как крупный учёный–исследователь и педагог, оставил большой след в науке-математике. Его дело продолжают многочисленные ученики и коллеги.

«Смертный человек существует для того, чтобы заработать своё бессмертие, иначе жизнь теряет смысл». (Борис Пастернак).

*Просоедова Наталия, сотрудник журнала "Известия Национальной академии наук Таджикистана"*

# ПАЙРОҲАИ ТАҚДИР

***Нақши илмҳои дақиқ дар рушд ва пешрафти ҷомеаи башарӣ муҳим арзёбӣ гардида, он ҳамчун омили муҳими пешрафт ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ қарор гирифтааст. Аз самари сиёсати хирадмандонаву маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар ба ин ҷиҳат аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир гардида, тадбирҳои судманду созандае амалӣ гардонида шудааст.***

Ҷойи ифтихор ва шоистаи таҳсин аст, ки дар рушди илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва тайёр кардани мутахассисони соҳа дар кишвар саҳми устодону олимони донишгоҳ, аз ҷумла профессорон Ғуломов И., Каримов С.К., Акбаров Р., Шарифзода Ҷ., Сафаров Ҷ.Х. назаррас аст. Дар ин миён доктори илмҳои физика ва математика шодравон Акбаров Раҳмат 49-соли умри бобаракати худро (1967-2016) ба тарбия ва бакамолрасонии кадрҳои тахассусманд бахри шукуфоии ин даргоҳи илму маърифат бахшидааст.

ниби комиссияи босалоҳияти ниҳоди марбута, олӣ арзёбӣ гардида, барои тадқиқот иҷозат дода мешуд, ки ин дастовардҳо гувоҳи малакаи волои кордониву олими тавоно будани устодро нишон медод. Устод, ҳама вақт дар пайи таҳқиқотҳои нави илмӣ буд ва шогирдонро аз боби фазилати таҳсили илму дониш, касбу ҳунар, рафоқат, дустию бародарӣ таълим медод.

Замоне, ки устод роҳбарии факултети математика ва физикаро бар ӯҳда дошт, авзои сиёсии кишвар хуб набуд. Ӯ тамоми саъю кӯшиши худро бахри таълиму тарбияи солими насли ҷавон ва обод гардонидани муҳити корӣ, факултет ва ин боргоҳ равона менамуд. Инсони пуртоқат ва сабур буд, ҳамаи пастию баландии зиндагиро бо тадбир ва донишу хирад бартараф мекард. Зиндагии пур аз шодию нишоти худро дар роҳи илм ва таълиму тарбияи ҷавонон бахшид.

Ин олими бофазилат ва соҳибмактаб муаллифи 12 китоб ва зиёда аз 130 мақолаи илмӣ мебошад. Мақолаҳои ӯ дар маҷаллаҳои бонуфузи

Профессор Акбаров Раҳмат рисолаи номзадиро бо унвони «Масъалаҳои канории хаттии назарияи функсиҳои аналитикӣ бо қисмҳои асосии додашуда» (1980) дар шаҳри Минск ва рисолаи докторро (2009) дар мавзуи «Масъалаҳои канории назарияи функсияҳои аналитикӣ ва умумишудаи аналитикӣ бо сарбории аъзоҳои озод ва шартҳои иловагии шакли моментҳо» бомуваффақият дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои физика-математика гардидааст.

Барои ман ифтихор ва шарафи бузург аст, ки таълимдидаву тарбиятёфтаи мактаби ин олими номвари кишварам. Замони донишҷӯӣ устод ба мо аз фанҳои гуногун, ба монанди геометрияи аналитикӣ, назарияи эҳтимолият, математикаи олӣ, курси махсус (аз таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо) дарс мегуфтанд. Дар курси панҷумӣ зери роҳбарии устод кори дипломӣ иҷро намудаву онро сарбаландона ҳимоя намудам. Дар ин ҳангом устодро инсони комил, донишманди варзидаи соҳаи математика, олими сермаҳсул, роҳбари серталабу ғамхор дарёфтам.

Сипас, баъд аз хатми муассиса солҳои зиёд бо устоди гиромӣ дар лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун иҷрокунандаи лоиҳа фаъолият намудам. Замони фаъолиятам дар шуъбаи илми донишгоҳ (ҳоло раёсати илм) ба ҳайси ходими хурди илмӣ устод роҳбари лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии фармоишии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Баъди ҳар як панҷсолае, ки устод лоиҳаи навбатии худро пешниҳод мекард, аз ҷо-

илмии ҷумҳурӣ ва берун аз он ба табъ расидаанд. Дар ёд дорам, ки рӯзе устод мактубе дар даст ба утоқи кориам ворид шуда, бо як ҳисси шодӣ ва ризоят аз пешаи худ баён намуд, ки "Аз Амрико ба ман мактуб омадааст. Онҳо мехоҳанд, ки мақолаҳои маро дар маҷаллаҳои бонуфузи худ нашр намоянд. Инчунин ҷиҳати истифодаи таълифоти мазкур дар раванди таълим ризоиятамро мепурсанд".

Устод пайваста дар конференсияҳои байналмилалӣ бо пешниҳоди маърӯзаҳои илмӣ, нуфузи донишгоҳ ва илми кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштааст. Ӯ аз соли 2014 академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия буд.

Профессор Р. Акбаров барои хидматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф бо нишони «Барои меҳнати шуҷоатнок» (1970), «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1992) ва «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (2006) қадрдонӣ гардидааст.

Некномӣ ва шӯҳрати ӯ ба туфайли таълифоти пурғановат ва шогирдони баркамол ҳамеша дар ёдҳост.

*Самариддинова Зайнаб, декани факултети физика ва математика, Шарипов Шамсиддин, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он*

# НАҚШИ ИНТИХОБОТ ДАР РУШДИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ

Интихобот моҳиятан нишондоди иродаи одамон ба олами ҳастӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ мебошад. Инсоният аз давраи ибтидои камолоти хеш, барои афзалият додан ба ин ё он арзиш, ҳатто дар интихоби эътиқоди динӣ озод буд ва ин меъёр то ба ҷомеаи имрӯзӣ арзиши худро гум накардааст.

Дар ҷомеаи демократӣ интихобот ҳамчун индикатори асоси рушди он ба шумор меравад, зеро интихобот, ягона равандест, ки тавассути он шаҳрвандон намояндагони худро интихоб мекунанд. Интихобот воситаи муҳими иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат буда, дараҷаи шуурнокии сиёсӣ ва фаъолнокии шаҳрвандонро рушд медиҳад. Интихобот метавонад ҳамчун механизми муттаҳидкунандаи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ хизмат кунад ва ҳамкории онҳоро тақвият бахшад. Интихобот ифодагари принсипҳои демократия, озодӣ ва баробарӣ дар ҷомеа мебошад ва демократия ҳамчун шакли низоми сиёсӣ ва идоракунӣ ташкили шароити мусоид барои иштироки васеи мардум дар раванди идоракунии ҷомеаро ифода намуда, халқро ҳамчун манбаи ҳокимият эътироф менамояд. Маҳз аз ҳамин тараф он асосҳои қавии таърихию сиёсӣ дошта, низоми махсуси арзишҳоро дар бар мегирад. Демократия иштироки васеи оммаи мардумро дар таъсиси ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии ҷомеа кафолат дода, моҳияти аслии он таъмини мардумсолорӣ мебошад. Ин нуктаро Файласуфи фаронсавӣ Жан-Жак Руссо боадолатона дарҷ намуда буд, ки "Суверенитет ё ҳаққи идоракунӣ танҳо дар дасти мардум аст ва ҳеҷ кас набояд онро ғасб кунад. Ҳар як шаҳрванд вазифадор аст, ки дар интихобот иштирок намуда, озодии худро ҳифз намояд".

Яъне метавон гуфт, ки Интихобот яке аз нишона ва унсури асосии ҷомеаи демократӣ мебошад. Он воситаи муҳими таъмин намудани иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути интихоботи озоду шаффоф шаҳрвандон метавонанд иродаи худро ифода кунанд ва роҳбаронеро интихоб намоянд, ки манфиатҳои онҳоро ҳимоят мекунанд.

Дар шароити кунунӣ интихобот, яке аз усури асосӣ ва меҳварии давлатҳои ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократи ва ҳуқуқбунёд, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ интихоботро механизми асосии идоракунии давлат дар саргаҳи сиёсати худ қарор дод ва ин гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои демократӣ бунёд гардида ба ирода ва интихоби мардум ва ҳуқуқу озодиҳои онҳо арзиши махсус қоил аст. Ин нуктаро мо дар таълифоти аксарияти пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ дида метавонем. Масалан, дар таълифоти профессор Раҳмон Д.С. оварда шудааст, ки “Оне ки инсон ва ҳуқуқҳои ӯ арзиши олӣ доранд, инсон ченаки ҳамаи чизҳост, ҳама гуна қувваҳо бояд назди ҳуқуқи инсон ходим бошад, ки ин дар муҳити илмӣ ва амалияи Тоҷикистони кунунӣ ҳақиқати бебаҳс аст”.

Дар воқеъ инсон арзиши олӣ дорад ва Констутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба чунин арзишҳо бунёд гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият ба шумор меравад ва ин нукта дар моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода ёфтааст, “Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст”. Аз ин меъёри конститутсионӣ маълум мегардад, ки дар Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ҳокимият ба халқ тааллуқ дошта, интихоби намояндагоне, ки аз номи халқ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд, аз ҷониби шаҳрвандон сурат мегирад.

Интихобот на танҳо институтҳои давлатиро тақвият мебахшад, балки дар шаҳрвандон ҳисси масъулиятро барои ояндаи кишвари худ тарбия мекунад. Иштирок дар овоздиҳӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки иштирокчиёни фаъоли ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд, нуктаи назари худро баён намоянд ва ба қарорҳои қабулшуда таъсир расонанд. Интихобот ҳастии демократия ба ҳисоб рафта, қонунияти қудратро таъмин намуда, барои рақобати сиёсӣ шароит фароҳам меорад. Бе интихоботи озод ва одилона ҷомеаи муосири демократиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар як шаҳрванде, ки дар интихобот иштирок менамояд, дар таҳкими демократия, рушду инкишофи давлат ва ташаккули ояндаи миллат саҳми худро мегузорад. Огоҳӣ аз аҳаммияти интихобот як қадам ба сӯйи ҷомеаи одилона, кушода ва устувор аст.

Дар ростои маъракаи муҳими сиёсӣ, яъне интихобот ҳар яки моро лозим аст, ки бо ҳисси масъулиятшиносӣ ва садоқат ба халқу Ватан аз ҳуқуқи конститутсионии худ истифода намуда, дар он иштирок намоем, раъйи худро барои ободии меҳан ва суботи сартосарӣ ба намояндаи арзандаву умедбахши мардум диҳем. Тавре яке аз чеҳраҳои сиёсӣ мефармояд, “Овоз додан на танҳо ҳуқуқ, балки як масъулият аст”. (Франклин Делано Рузвелт (1882–1945) – Президенти ИМА)

Яъне ҳар яки мо бо дарки масъулият ифтихорманд аз он бошем, ки дар чунин маъраки ҳаётан муҳими сиёсӣ иштирок варзида, раъйи худро барои ояндаи худ ва давлати худ медиҳем.

*Ғаюров Лоиқ-доктор фалсафа (PhD)*
*мудири кафедраи фалсафа*




# ҶАВОНОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИНТИХОБОТ

Мардуми шарифи Тоҷикистон 28 декабри соли 2024 Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон, ки дар бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат - Маҷлиси Олӣ баргузор гардид, бо ҳисси баланди ватандорӣ ва ифтихори миллӣ самимона истиқбол намуданд.

Воқеан, Паём-пайки шодӣ, аз дастовардҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар самти сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат буда, раҳнамои беҳтарин ба суйи ҳаёти осиштаи ҳар як фарди бонангу номуси кишвари маҳбубамон-Тоҷикистон мебошад.

Паёми имсола, исботгари муваффақиятҳои беназир дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон, хоса сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ то ба рушди иқтисодиёт дар замони пуртазоди ҷомеаи ҷаҳон мебошад.

Соли 2024 дар мамлакат, 30 - юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлол бо ифтихору шукргузорӣ аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ҷашн гирифта шуд, ки хурду бузурги мамлакат аз қабули Конститутсия-ҳамчун санади тақдирсози давлат ифтихор намуда, тамоми мувваффақияту музаффарият ва дастовардҳои замони собиҳистиқлолии мамлакатро аз қабул гардидани Конститутсияи мардумӣ шабоҳат медоданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳатрам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ доир ба қабули Конститутсия ва нақши он дар рушди давлатдории миллӣ ибрози андеша намуда, баён доштанд, ки “Конститутсия заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам намудааст”.

Инчунин бо ифтихор иброз намуданд, ки “Кишвари мо дар марҳалаи нави тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст”.

Дар муддати начандон тӯлонӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки ба фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ тақвият бахшад, тавассути Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ ва таъсиси парламенти касбиро таъмин намояд.

Дар замони муосир интихобот яке аз меъёрҳои асосие мебошад, ки ба воситаи он иштироки шаҳрвандон дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Ҳамчунин, дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон аз интихобот вобастагии зиёд дорад.

Бояд гуфт, ки интихобот яке аз меъёрҳои асосии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта, ба воситаи он ҳокимият ба таври осоишта ва бо иродаи халқ аз дасти як гурӯҳ ба дасти гурӯҳи дигар мегузарад. Самаранокии интихобот ва аз тарафи ҷомеа эътироф гардидани натиҷаҳои он яке аз нишонаҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбад.

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ гуфта шуд, ки муҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба охир мерасад. Президени кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти пурсамари аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон истиқбол намуд. Инчунин, қайд карда шуд, ки бо фармони Президенти мамлакат аз 4-уми декабри соли 2024 интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ рӯзи 2-юми марти соли 2025 таъин гардид. Таъкид карда шуд, ки интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд.

Ҳамин аст, ки зимни баргузории ин маърака “интихобкунандагон дар интихобот дар асоси ҳуқуқи баробар иштирок мекунанд” (моддаи 5 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”).

Интихоботе, ки бидуни ҳама гуна фишороварию қонуншиканӣ дар сатҳи баланди ташкилию сиёсӣ баргузор мегардад, иштирок дар он вазифаи ҳар шаҳрванди мамлакат буда, маҳз иштирок дар интихобот саҳми мо - шаҳрвандон дар таъмини ояндаи босуботи давлат ва василаи ширкат дар ташаккули фаъолияти пурсамари мақомоти давлатӣ мебошад. Зеро мо бо иштироки фаъолонаамон дар интихобот метавонем, ба воситаи баёни ирода ва интихоби кардаамон ба фардои неки фарзандони хеш ва насли ояндасоз замина гузорем.

Ҳар яки мо бояд хуб дарк намоем, ки воқеан иштирок дар маъракаи интихобот рисолати муҳим дар назди миллат ва давлат буда, овози ҳар як шаҳрванд дар он ҳалкунанда мебошад. Интихобкунанда метавонад, бо истифода аз андешаи комил, рушди тафаккури маънавӣ, ҷаҳонбинӣ ва рушду тараққиёти босуръати кишвар, таъмини амнияти миллию суботи комили ҷомеа ва шароити созгори иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсӣ дар интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ номзади арзандаи худро интихоб намояд ва бояд мутмаин бошад, ки интихоби дурусту оқилона метавонад ба сӯи муваффақияту музаффариятҳои бемисл дар оянда роҳ кӯшояд.

Ҷавонон ва нақши онҳо дар раванди давлатсозӣ арзишманд буда, қишри муҳими давлату миллат маҳсуб меёбанд. Дар Паёми навбатии Президенти кишвар, самти фаъолияти ҷавонон ва нақши боризи онҳо дар рушди давлатдории миллӣ махсус таъкид гардида, гуфта шуд, ки “Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт”.

Ҷавонони матинирода ва сарбаланди тоҷик бо ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ҳушёрию зиракӣ, баҳри ҳифзи арзишҳои волои миллӣ, пос доштани обу хоки ин сарзамини биҳиштосо бо диди нав ба фардои дурахшони мамлакат иштирок дар интихоботро ҳамчун василаи ширкат дар ташаккули мақомоти давлатӣ меҳисобанд ва дар ин самт саҳми арзандаи хешро дар раванди давлатсозию давлатдорӣ ва ба таври шаффофу одилона барпо гардидани ин маъракаи сиёсӣ мегузоранд.

Бо дарназардошти фарогир будани ҳаёти рӯзмарраи онҳо имрӯзҳо иштироки фаъолу муташаккилонаи ҷавонон дар маъракаҳои муҳими сиёсӣ, махсусан интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва вакилони маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин вакилони ҷамоатҳо аз садоқати баланд ба миллату давлат ва пайравӣ аз ташаббусҳои бузург, баҳри ояндаи боз ҳам орому пешрафта ва ободу зебо ва дилрабо гардонидани ин кишвари биҳиштосо шаҳодат медиҳад.

Дар асл, нақш ва мавқеи ҷавонон дар рушди давлатдории миллӣ, рушди созандагию бунёдкорӣ ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвари азизамон - Тоҷикистон назаррас буда, ташаббусҳои созанда, онҳоро водор ба он месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар фаъол бошанд ва дар таъмини суботи ҷомеа баҳри фардои дурахшони миллату давлат камари ҳиммат банданд.

Интихобот яке аз рукнҳои муҳими давлатдории миллӣ ва иродаи халқ дар назди давлат маҳсуб меёбад, насли ояндасози кишвар, яъне ҷавонон бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ҷиҳати муташаккилона баргузор намудани маъракаи муҳими сиёсӣ, иштироки фаъолона намуда, бо интихоби дурусти номзади арзандаву содиқ ба миллату давлат ба ояндаи дурахшони кишвар қадамҳои устувор мегузоранд. Таърих, дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар гувоҳ аст, ки иштироки фаъоли ҷавонон бо ҳушёрию зиракӣ ва дарки баланди масъулият дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат дар раванди давлатдорию давлатсозӣ нақши муассир гузошта, онҳо дар ҳама самтҳо ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд.

Пешвои миллат дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад. Таъмини амнияти давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳамияти аввалиндараҷа дошта, нақш ва мавқеи устувори ҷавонон дар рушди суботи сиёсӣ ва амнияти миллату давлат муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷавонон дар амалисозии ҳама ташаббусҳои давлату Ҳукумат нақши пешсаф ва ибратбахш доранд. Ин навбат низ онҳо метавонанд ба парчами ватандориву ибтикорот дар роҳи расидан ба ҳадафҳои созанда дурахши тоза бахшида, баҳри ояндаи дурахшону шукуфоии Ватан, ки масъулияти он бар дӯши насли ҷавони мамлакат вогузор аст, пешсаф бошанд.

*Шоҳзод Раҳимзода, унвонҷӯи кафедраи*
*сиёсатшиносии донишгоҳ*

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор! Саъдии Шерозӣ



# БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



Ҳанӯз 2-юми июни соли 1940 Қарори Шурои Комиссарони Халқи ҶШС-и Тоҷикистон, тахти №124 «Дар бораи дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб таъсис додани Донишкадаи давлатии муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб» ба тасвиб расида буд. Вале бо сабабҳои маълуми давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ин қарор иҷро нагардид. Бори дигар Қарори Ҳукумати ҶШС-и Тоҷикистон аз 15 августи соли 1945 «Дар бораи таъсис додани Донишкадаи давлатии муаллимтайёркунӣ дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Кӯлоб» интишор гардид, ки ба бунёди донишкада асос гузошт.

Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб бо Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.1992, тахти №235 номи Донишгоҳи давлатии Кӯлобро гирифт ва аз 24.04.2009 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ номгузорӣ шудааст.

Донишгоҳ дар тайёр намудани кадрҳои илмии соҳаҳои маориф ва хоҷагии халқ барои ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон саҳми босазо гузоштааст. Дар зарфи 80-соли фаъолият бештар аз 56226 мутахассисони дорои маълумоти олӣ омода гардидааст.



Донишгоҳ дорои 10 факултет: 1. Физика ва математика; 2. Химия ва биология; 3. Филологияи тоҷик ва журналистика; 4. Филологияи рус; 6. Таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ; 7. Омӯзгорӣ ва фарҳанг; 8. Иқтисод ва идора; 9. Молиявию иқтисодӣ; 10. Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ мебошад, ки дар онҳо донишҷӯён дар таълими рӯзона фосилавӣ ва ғоибона дар шакли буҷавӣ, тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномавӣ таҳсил менамоянд.

Шумораи умумии донишҷӯёни Донишгоҳ ба 9800 нафар (6121н. духтар) баробар аст, ки аз ин шумора 4783 нафар (2207н. духтар) дар таълими рӯзона, 3198 нафар (2424н. духтар) дар таълими фосилавӣ ва 1819 нафар (1433н. духтар) дар таълими ғоибона таҳсил мекунанд.



Донишгоҳ дорои Шурои диссертатсионӣ (6DKOA.002) аз рӯйи 2 равия (педагогика ва психология) ва 3 ихтисос мебошад, ки фаъолияти пурсамар дошта, унвонҷӯён ва докторантон рисолаҳои илмии худро мунтазам ҳимоя намуда истодаанд.

Донишгоҳ дорои 37 кафедра буда, аз рӯи 63 ихтисос мутахассис тайёр мекунад. Шумораи умумии кормандони илмӣ ва омӯзгорон дар донишгоҳ 502 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 150 нафарро кормандони дорои дараҷа ва унвони илмидошта ташкил мекунанд. Аз ин 9 нафар доктори илм, профессор ва 141 нафар номзади илм ва дотсент мебошанд.

Дар заминаи Донишгоҳ Коллеҷи омӯзгорӣ, Кӯдакистони «Ситора», Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Сайдалӣ Ализода дар шаҳри Кӯлоб, Истироҳатгоҳи “Истиқлол” дар ноҳияи Муъминобод ва маркази таълимӣ – машваратӣ «Дурахшон» фаъолият менамоянд.



Ҳамкориҳои донишгоҳ, дар баробари муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳамзамон, бо 106 муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷи дуру наздик - Федератсияи Россия, Белорус, Украина, Молдова, Озорбойҷон, Эстония, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА, Олмон, Англия, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Италия ва ғайра ба роҳ монда шудааст.



Бо Қарори Ташкилоти байналмилалии сертификати сифати аврупоии Институти Шведсариягӣ (Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соҳиби Иҷозатнома (литсензия) ва Сертификати байналмилалии сифати Аврупо (Ҷоиза) гардидааст.

Дар заминаи Донишгоҳ 21 озмоишгоҳҳои таълимӣ, илмӣ - тадқиқотӣ мавҷуд аст, ки бо дастгирии Вазорати маориф ва илм ва Бонки Ҷаҳонии Рушд дар доираи татбиқи лоиҳаҳои «Рушди таҳсилоти олӣ» ва «Такмили барномаҳои таълимии ихтисоси биология (биотехнология) вобаста ба талаботи бозори меҳнат» дар факултети химия ва биология 5 озмоишгоҳи муосири химиявӣ ва дар факултети физика ва математика 1 озмоишгоҳи муосири физикавӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурии соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки барои донишҷӯёну магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯёну муҳаққиқони соҳаҳои марбутаи илм имконоти васеи озмоишу санҷиш ва таҳқиқотҳои илмиро фароҳам меоваранд.

Соли 2024 бо дастгирии бевоситаи Раёсати донишгоҳ дар назди муассиса маркази таълимӣ-машваратии “Дурахшон” бо тамоми шароитҳои муосир ҷиҳати омода намудани довталабон барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи кластерҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, хитой ва олмонӣ) ва машварати психологӣ таъсис дода шуд, ки айни замон довталабон дар курсҳои мавҷуда ба таълим фаро гирифта шудаанд.



Китобхонаи Донишгоҳ дорои китобҳои илмӣ-методӣ, бадеӣ ва 4 толори хониш буда, дар маҷмуъ фонди китобхонаи Донишгоҳ ба 111699 адад баробар аст, ки 106991 адади он китобҳои ғайриэлектронӣ ва 4708 адади он электронӣ мебошанд. Китобҳо дар китобхона ба забонҳои тоҷикӣ 33782 адад, русӣ 76120, англисӣ 1504 адад ва дигар забонҳо 293 адад мавҷуд аст.



Донишгоҳ дорои хобгоҳ барои 380 ҷой ва бунгоҳи тиббии бо тамоми шароитҳои зарурӣ муҳайё мебошад. Ҳамзамон, донишгоҳ дорои синфхона ва марказҳои илмию инноватсионӣ, омӯзиши забонҳо, рушди касбият ва инноватсияи муҷаҳҳаз бо технологияҳои замонавӣ, пайваст ба интернети баландсуръат, толорҳои маҷлисӣ ва варзишии барҳаво мебошад.

Хобгоҳи Донишгоҳ яке аз шаклҳои худтанзимкунии фаъолият дар донишгоҳ буда, пайваста зери таваҷҷуҳи Раёсати донишгоҳ қарор дорад. Хобгоҳ аз 4 ошёна ва 74 ҳуҷра иборат буда, дар онҳо донишҷӯдухтарон истиқомат менамоянд. Шумораи донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматкунанда 380 нафар буда, аз онҳо 100 нафар тариқи квотаи Президентӣ, 157 нафар тариқи шартномавӣ ва 123 нафар тариқи ройгон таҳсил менамоянд.



**Рамзи Донишгоҳ дар МТМТНПҶТ: 111**

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб яке аз марказҳои асосии тайёр намудани омӯзгорон ва рушди фарҳангу адаби кишвар ба ҳисоб рафта, ҳазорон нафар дастпарварони он имрӯз дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ва соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиамон дар ҳамаи минтақаҳои кишварамон ва хориҷ аз он фаъолият доранд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

# Номгӯи ихтисосҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои соли таҳсили 2025-2026

| № | Рамзи ихтисос | Номи ихтисос | Маблағи таҳсил | |
|---|---|---|---|---|
| | | | рӯзона | ғоибона, (фосилавӣ) |
| **Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум "Табиӣ ва техникӣ"** | | | | |
| 1. | 1-020501 | Математика | 2849 | 2310 |
| 2. | 1-020505 | Информатика | 2849 | 2750 |
| 3. | 1-310303-02 | Математикаи амалӣ | 2486 | - |
| 4. | 1-020504-03 | Физика. Таълими меҳнат | 2486 | - |
| 5. | 1-020504-01 | Физика. Математика | 2849 | 2310 |
| 6. | 1-02060203 | Технология аз рӯйи самтҳо (меҳнати техникӣ) асосҳои бехатарии ҳаёту фаъолият | 2530 | - |
| 7. | 1-31 03 04 08 | WEB-дизайн ва графикаи компютерӣ | 2846 | 2700 |
| 8. | 1-3104010207 | Энергофизика | 3000 | - |
| **Гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм "Иқтисод ва география"** | | | | |
| 9. | 1-250104-02 | Кори бонкӣ | 4600 | 3800 |
| 10. | 1-250104 | Молия ва қарз | 4600 | 3800 |
| 11. | 1-250108-03 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ | 4900 | 3800 |
| 12. | 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 4900 | - |
| 13. | 1-250104-03 | Андоз ва андозбандӣ | 4900 | 4500 |
| 14. | 1-250111 | Аудит ва ревизия | 4900 | - |
| 15. | 1-25010410 | Менеҷменти молиявӣ | 4900 | - |
| 16. | 1-960101 | Ҳадамоти гумрукӣ | 4900 | 4500 |
| 17. | 1-260202-06 | Менеҷменти иҷтимоӣ (маориф) | 4600 | 3800 |
| 18. | 1-260203 | Маркетинг | 4600 | 3800 |
| 19. | 1250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 4900 | 3850 |
| 20. | 1-26010101 | Идораи мақомоти маҳаллӣ | 4900 | - |
| 21. | 1-020402 | География | 2464 | 2400 |
| 22. | 1-310201-02 03 | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳат | 3080 | 2900 |
| 23. | 1-890101 | Сайёҳат ва меҳмондорӣ | 3080 | - |
| 24. | 1-020405 | География. Иқтисодиёт | 2900 | - |
| 25. | 1-25010204 | Иқтисодиёти рақамӣ | 4900 | - |
| 26. | 1-260103 | Идораи давлатӣ ва иқтисодиёт | 4900 | 4500 |
| 27. | 1-26010301 | Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ | 4900 | - |
| **Гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм "Филология, педагогика ва санъат"** | | | | |
| 28. | 1-020301 | Забон ва адабиёти тоҷик | 2900 | 2400 |
| 29. | 1-020303 | Забон ва адабиёти тоҷик. Маърифати оиладорӣ | 2900 | - |
| 30. | 1-230108 | Рӯзноманигорӣ | 2900 | - |
| 31. | 1-21050103 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 2640 | - |
| 32. | 1-230108-0202 | Рӯзноманигорӣ радио | 3300 | - |
| 33. | 1-230108-0203 | WEB-рӯзноманигорӣ | 3300 | - |
| 34. | 1-020302 | Забон ва адабиёти рус | 3000 | 2900 |
| 35. | 1-020304-01 | Забон ва адабиёти рус. Забон ва адабиёти тоҷик | 3000 | - |
| 36. | 1-020306 | Забони хориҷӣ (англисӣ) | 3900 | - |
| 37. | 1-020307 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ - хитойӣ) | 3900 | - |
| 38. | 1-020306-01 | Забони англисӣ. Забони олмонӣ | 3900 | - |
| 39. | 1-010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 2580 | 2400 |
| 40. | 1-010202-03 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | 2580 | - |
| 41. | 1-01020205 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Ихтисоси иловагӣ (Забони русӣ) | 2580 | 2400 |
| 42. | 1-01 02 02-02 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати тасвирӣ | 2580 | - |
| 43. | 1-01010206 | Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиноси амалӣ | 3000 | 2900 |
| 44. | 1-01010203 | Таҳсилоти томактабӣ. Забони хориҷӣ (англисӣ) | 3000 | - |
| 45. | 1-2301110107 | Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ аз рӯйи самтҳо (фаъолияти илмию методии китобхонаҳо) | - | 2900 |
| 46. | 1-23010401 | Психологияи умумӣ | 3000 | - |
| 47. | 1-03 03 08-01 | Олигофренопедагогика. Таҳсилоти томактабӣ | 2580 | - |
| 48. | 1-03 03 05-02 | Логопедия. Таҳсилоти ибтидоӣ | 2580 | - |
| 49. | 1-030403 | Равоншиносии амалӣ | 2580 | - |
| **Гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум "Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ"** | | | | |
| 50. | 1-230101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 4700 | - |
| 51. | 1-020101 | Таърих | 2580 | 2400 |
| 52. | 1-020102 | Таърих. Ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ) | 3700 | 3410 |
| 53. | 1-240104 | Ҳуқуқ-омӯзгор | 4700 | - |
| 54. | 1-230106-01 03 | Сиёсат ва идораи давлатӣ | 4700 | 4500 |
| 55. | 1-26 01 01 | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | 4700 | 4500 |
| 56. | 1-020102-05 | Таърих. Диншиносӣ | 2580 | - |
| **Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум "Тиб, биология ва варзиш"** | | | | |
| 57. | 1-310101-03 | Биология (биотехнология) | 3000 | - |
| 58. | 1-020406-01 | Химия. Биология | 3000 | 2900 |
| 59. | 1-020406 | Химия. Экология | 3000 | 2900 |
| 60. | 1-020404 | Биология. Экология | 3000 | 2900 |
| 61. | 1-310501-0101 | Химия аз рӯйи самтҳо (Химияи аналитикӣ) | 3300 | 3200 |
| 62. | 1-030201 | Тарбияи ҷисмонӣ | 2900 | 2700 |
| 63. | 1-030202 | Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ | 2900 | 2860 |

# МАҲОРАТИ ЧЕҲРАОФАРИНИИ СОҲИБ ТАБАРОВ ДАР ТАНҚИДИ АДАБӢ ВА АДАБИЁТШИНОСӢ

Боиси ифтихор ва шарафмандист, ки мардуми тоҷик, хосатан, аҳли илму маориф соли 2024 аз 100-солагии яке аз чеҳраҳои намоёни илми тоҷик Соҳиб Табаров истиқбол гирифтанд. Ин қадршиносӣ гувоҳи он аст, ки халқи мо дар роҳи дурусти пешрафти маънавӣ қарор доранд ва таъкидҳои ба такрори Сарвари муаззами миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пай дар пай иҷро карда меоянд.

Ҳаёти шахсӣ ва хизматҳои ҷамъиятии шахсиятҳое чун Соҳиб Табаров ҳамчун олим, мунаққид ва адабиётшинос хеле гуногунпаҳлӯ мебошад ва ҳар яке аз он паҳлуҳо омӯзиши доимӣ ва амиқро талаб доранд. Ба фаҳмиши ин ҷониб яке аз ҳамин гуна паҳлуҳо санъати чеҳранигорӣ дар осори бешумори С.Табаров мебошад.

Чеҳраофаринӣ яке аз асоситарин рукнҳои офариниши асари нависандагон ба шумор рафта, тавассути он авомили заъф ё қуввати асар ошкор мегардад. Муҳаққиқон роҷеъ ба шаклҳои чеҳранигорӣ ва маҳорати адибон андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Яке аз махсусияти чеҳранигорӣ дар он аст, ки дар зеҳни хонанда баробари ошноӣ пайдо намудан бо хислату характер ва чеҳраи қаҳрамони асар хоҳишу шавқи таҳқиқи шахсият ва донистани натиҷаи амалиёти минбаъдаи қаҳрамон пайдо мешавад.

Устод С. Табаров дар таълифоти густурдаи хеш, аз ҷумла ба масъалаи чеҳраофаринӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин самт хизмати арзандае анҷом додааст ва ба андешаи мо ба ин сабаб ин паҳлуи осори устод сазовори омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддӣ мебошад.

Бо мақсади равшантар гаштани масъала мо доир ба баъзе мақолаҳои устод С. Табаров диққати шуморо ҷалб менамоем, ки бевосита ба шахсиятҳои бузурги адабӣ бахшида шудаанд.

Азбаски устод С.Табаров ҳар як масъаларо ҷузъ-ҷузъ тадқиқ мекарданд ва тадриҷан ба хулосаҳои амиқ ва дақиқ мерасиданд онҳо дар шакли маҷмуа китоб мешуданд.

Яке аз чунин таълифоти устод С. Табаров, ки ба мазмуну муҳтавои навиштаҳои худ як номи умумӣ дода буданд «Ҳаёт, адабиёт, реализм» мебошад, ки он маҷмуа дар 5 ҷилд рӯи чоп омада буд.

Дар маҷмуаи мазкур чанд мақолаи устод, ки солҳои мухталиф таълиф гардида, аслан доир ба масъалаҳои нақди адабӣ андешаронӣ намудааст, ҷой дода шудаанд. Дар ин асари илмӣ-таҳқиқотии хеш устод бо мақсади рушан гаштани масъалаи асосӣ ба таҳлилу баррасии мавзуи мавриди назари мо – кашфу бармалло сохтани чеҳраҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии як силсила адибон ба монанди М. Горкий, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Ҳ. Юсуфӣ, Ф. Муҳаммадиев, А. Хуш таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Дар ин маҷмуа баробари чеҳраҳои маъруф барои хонандаи нозукбин ва закӣ чеҳраи муаллифи асар ҳамчун мунаққиди нозукбин ҳувайдо мегардад. Дар ин силсиламақолаҳо чеҳраи муаллиф С. Табаров ҳамчун шахси заҳматкаш, адабиётшиноси мушикоф бармало мегардад. Устод С. Табаров пеш аз ҳама доир ба осор ва шахсияти қаҳрамонҳои мақолаҳояш ва саҳми онҳо дар густариши паҳлуҳои гуногуни адабиёти тоҷик андешаҳои мунсифона ва беғаразона баён намуда, бадин васила талошу заҳматҳои намудаашро дар самти муаррифии онҳо нишон дода тавонистааст. Маҳз тавассути чунин рисолаҳои баён намудани андешаҳои муаллиф сабаби амиқтар шинохти чеҳраҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии хеш ва қаҳрамонҳои асосии асараш гаштааст.

Муҳаққиқ ҳангоми тасвири образи қаҳрамонҳои асарашон нуктасанҷона қабл аз ҳама доир ба бурду бохти офаридаҳои онҳо сухан ронда, ҳамчунин ба тасвири ботин ва ҷаҳонбинии қаҳрамонҳо, ки албатта офаридаҳояшон таъсиргузор буданд, пардохтааст. Чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми тасвири чеҳраи қаҳрамонҳо ва дар заминаи ин образҳо муҳаққиқ ягон масъалаи муҳимми ҷомеаро, ки қаҳрамонҳо нишон додаанд, таъкид менамояд. Тавассути чеҳраофаринӣ дар асараш муҳаққиқ амиқан ҷойгоҳ ва мақому мартабаи ашхоси таърихӣ ва фарҳангӣ, адибони садаи гузаштаро, ки осорашон мавриди баррасӣ қарор дошт, хеле хуб нишон дода тавонистааст.



Дар маҷмуаи мазкур чеҳраҳои адабии М. Горкий ва С. Айнӣ дар мақолаи “Горкий ва Айнӣ” хеле хуб нишон дода шудааст. Дар ин фасл натанҳо чеҳраи адабии ин ду абармарди адабиёти асри XX, инчунин, чеҳраи сиёсии онҳо низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Махсусан дар бораи М. Горкий ва таъсири шахсият ва эҷодиёти ӯ ба ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои адибони солҳои сиюми асри XX, махсусан С. Айнӣ хеле хуб қайд гардидааст. Ӯ навиштааст: “Ягонагии ҷаҳонбинии сиёсӣ-синфӣ, ягонагии асосҳои идеявӣ, методи адабии реализми сотсиалистӣ, ҳарҷониба донистан ва васеъ тасвир намудани зиндагонии оммаи халқи меҳнаткаш, меҳру муҳаббати калон ба оммаи мазлумон ва бераҳмона фош кардани симои золимон ва мисли онҳо эҷодиёти Горкийро ба адабиёти тоҷик ва аз он ҷумла ба С. Айнӣ наздик мекунонанд”.

С. Табаров номи М. Горкиро ба пайдоиш, ташаккул ва тараққиёту пешрафти маданияти ҷамъияти Шӯравӣ зич алоқаманд медонад. Мунаққид зикр менамояд, ки чеҳраи адабӣ ва сиёсии М. Горкий тавассути осори офаридааш хеле хуб ба назари хонандагонаш ошкор мегардад. Муҳаққиқ хуб тазаккур намудааст, ки осори пурғановати М. Горкий алорағми душманони синфӣ, ки пайваста дар Руссия ва Тоҷикистон ва дигар манотиқи собиқ давлати Шӯравӣ барои маҳв кардан ва ба дасти оммаи васеи меҳнаткашон нарасидани осори характери таблиғотӣ дошта кӯшиш менамуданд, таъсири амиқ ва густурда доштааст. Бино ба қавли С. Табаров, дар он замон хизматҳои С. Айнӣ ҳам дар самти дастрасии ин осор хеле калон аст.

Ба андешаи С. Табаров, маҳз тавассути ғайрату матонат ва иродаи устувори ин чеҳраҳои саршиноси адабиёти тоҷику рус “бетартибиҳо” аз миён рафта, адабиёту санъати Шӯравӣ ба ғалаба ва муваффақиятҳо ноил гардид. Ташаккулёбии чеҳраҳои сиёсию адабии М. Горкий ба қавли С. Табаров дар аввалин ҳикояҳои ба забони тоҷикӣ тарҷумашудаи ӯ, ба монанди «Мурғи тӯфон», «Таронаи лочин», «Тунел», «Челкаш» ва «Модар» мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, баъди пурра нишон додани чеҳраи М. Горкий устод С. Табаров ба баррасӣ ва ошкор намудани чеҳраи сардафтари адабиёти муосири тоҷик С. Айнӣ шурӯъ намудааст. Бо мақсади возеҳтар нишон додани чеҳраи илмӣ - адабӣ ва фарҳангии С. Айнӣ мунаққид роҷеъ ба чанд асари адиб, аз ҷумла «Мактаби кӯҳна», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ятим», «Ёддоштҳо» ва амсоли ин ишора намуда, махсусан зикр менамояд, ки дар рушду камолоти шахсият ва чеҳраи адабию сиёсии устод омӯзиши таҷрибаи адабиёти бои рус ва махсусан эҷодиёти М. Горкий мададгор будааст. Маҳз таъсири амиқи ин мактаб ва осори солҳои 20-ум ва 30-юм таълиф намудаи М. Горкий барин адибон ба принсипҳои эҷодӣ, чеҳраи адабию сиёсӣ ва роҳи минбаъда тайнамудаи С. Айниро таъсири амиқ гузоштаанд. Чунонки аз навиштаҳои С. Табаров маълум мегардад, хизмати С. Айнӣ дар пурраю возеҳ кушода гаштани чеҳраи сиёсию адабӣ ва фарҳангии М. Горкий ва хизматҳои М. Горкий дар бармало гаштани чеҳраи адабӣ-сиёсии С. Айнӣ хеле арзишмад мебошад.

Ҳарчанд ки устод С. Табаров қариб дар тамоми маҷмуаи мақолаҳои асари мазкур аз устод С. Айнӣ ба некӣ ёд меорад, вале ба таври комилу муфассал С. Табаров дар мақолаи “Мақоми С. Айни дар адабиёти реализми сотсиалистии халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон”, ки соли 1978 таълиф гардидааст, дар хусуси шахсият ва хидматҳои С. Айнӣ сухан ба миён оварда, дар нишон додани чеҳраи адабию сиёсӣ ва фарҳангии ӯ талошҳои зиёд намудааст.

Ба андешаи инҷониб ҳатто як иқтибос аз ин мақола бисёр чизро ошкор месозад: “Равияи Айнӣ бисёр сода, зоҳиран орому бешитоб аст. Аммо ӯ дар қаҳрамонони худ чӣ қадар ғазаби одилона, эҳтироси бузургро дарёб менамояд, ки одатан ин мутафаккири оқили Шарқи мо онҳоро дар давраҳои шикастхӯрии пурзиддияти таърихӣ нишон медиҳад… Халқ таҷассум ва рамзи одамони оддитарин ва зеботарин аст» бозгукунандаи хислату характер ва чеҳраи илмию адабии С. Айнӣ шуда метавонад.

С. Табаров чунин андеша дорад, ки дар замони пуртазоди муборизаи беамони гурӯҳҳои мухталиф ва дар байни адабиётҳои сермиллати Шӯравӣ, аз ҷумла нависандагони халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон- қазоқҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо, қарақалпоқҳо чеҳраи устод С. Айнӣ барои муаррифии натанҳо чеҳраи адабии хеш, балки чеҳраи миллати тоҷик низ ниҳоят арзишманд мебошад. Барои тақвияти андешаи хеш устод С. Табаров аз забони адиби машҳур Петрус Бровка дар анҷумани нависандагон чунин иқтибос овардааст: «Мо дар суҳбатҳоямон ба ҳамдигар мегуфтем: «Абай-ин Пушкини биёбони қазоқ аст», «Айнӣ ин Горкии адабиёти тоҷик аст»...

Мунаққид С. Табаров таъкид менамояд, ки воқеан, чеҳраи илмию адабӣ ва фарҳангии устод С. Айнӣ “баъди таълиф ва махсусан тарҷумаи силсилаосораш ба забони русӣ, аз қабили повести «Одина» ҳам аз тарафи П. Введенский ва ҳам 3. Хацревин ва аз соли 1929, соли 1932 ба забони русӣ аз чоп баромадани романи «Дохунда» (мутарҷим О. Орестов), дар саҳифаҳои журналҳои «Советская литература народов Средней Азии» ва «Литературный Узбекистан» дарҷ гардидани тарҷумаи русии романи «Ғуломон», дар журнали «Наше достижение», ки дар зери таҳрири А. М. Горкий мебаромад, ҷой гирифтани очерки «Колхози Коммунизм», дар шакли китоби алоҳида ба забони русӣ, баромадани «Мактаби кӯҳна», дар матбуоти даврагӣ” муаррификунандаи чеҳраи воқеии миллати тоҷик мебошад.

Нуктаи ҷолиб дар чеҳраофаринии устод С. Табаров боз дар он зоҳир мегардад, ки тавассути чунин қаҳрамонҳо ба мисоли С. Айнӣ, ки портрет ё худ чеҳраи адабии ду даври таърихӣ мебошад, хеле мушикофона ва амиқ давраҳои таърихии адабиётро ба риштаи тасвир кашидааст. Мунаққид зикр менамояд, ки чеҳраи адабии устод Айнӣ маҳз тавассути офаридани як қатор персонажҳои осори ба даврони пеш аз инқилоб таълиф намудааш, ки эшонро яъсу ноумедӣ, руҳафтодагӣ фаро гирифта буд, ҳолати равонӣ ва чеҳраи худи адибро ифода менамояд. Дар қисмати минбаъдаи ин осор, ки қаҳрамонони он чун мардумони мубориз, озодихоҳу адолатҷӯ тасвир шудаанд, ифодагар, ё худ нишондиҳандаи чеҳраи нави устод С.Айнӣ мебошанд. Устод С. Табаров маҳз ҳамин ҳолат ва чеҳраофаринии нависанда қайд менамояд, ки: “Таҳаввули характери қаҳрамонон дар эпосҳои С. Айнӣ аз як асар то асари дигар зиёд гардида, фардияти характери онҳо бештар ба назар мерасад. Масалан, дар «Дохунда» ҳоло тасвирҳои психологӣ ва инъикоси амиқи характеру олами ботини қаҳрамонон кам ба назар мерасанд. Аммо дар «Ғуломон» фикру ақидаҳои гуногун ва ё мухталиф, мулоҳизаронию мубоҳисаҳо, амиқияти ҳолатҳои психологӣ, тазодона акс кардани рӯҳияи Носири Ширин, Содиқ барин чандин қаҳрамонон психологизми эпопеяро хеле зиёд намудааст».

**(давом дорад)**



*Асозода Ҳотам-доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷик*

# ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ТОҶИКИСТОН: АЗ ИНТИЗОР ТО ИФТИХОР

Барои ман ҳамчун ҷавони даврони Истиқлолияти давлатӣ махсусан, шунидани Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр гуворо ва хушоянд буд. Ба ҷуз ин ифтихор кардам, ки насли мо бо эҳсоси масъулиятшиносӣ барои пойдории истиқлол, ваҳдат ва арзишҳои миллӣ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аз ҷумла, бар ҳифзи Ватан ва сарзамини аҷдодӣ омодаанд.

Сарвари давлат бо ризоият аз ин насл изҳор доштанд: “Саҳми ҷавонон дар ҳифзи Модар-Ватан шоистаи таҳсин буда, онҳо дар тамоми ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ содиқона хизмат мекунанд ва дар ҳимояи сарҳади давлатӣ низ нақши бузург мебозанд”.

Ин насл роҳи дурусти интихобкардаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар масири ватансозиву ватандорӣ барьало дарк намуд. Бе ин дарк ва эътироф, инчунин, шинохти масъулият оияндаи кишвар ва давлати миллӣ, бешак, зери суол қарор мегирифт. Ба ин хотир тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Имрӯз бо бовари гуфта метавонем, ки ҷавонон аз таърихи пурифтихор ва ҳам дар айни замон фоҷиабор дарси ибрат гирифтаанд.

Сарвари давлат дар Паёми худ таъкид доштанд: “Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем”. Ҳакиме бархақ фармудааст: “Миллате, ки ба таърих рӯ меовараду онро меомӯзад насли ҷавонаш чун пирони хирадманд меандешанд. Насле,ки ба таърих таваҷҷуҳ намекунад, мӯйсафедонаш, бо ин ки хирадманд нестанд, мисли кӯдак меандешанд”.

Мо пеш аз ҳама бояд аз ҳодисаҳои солҳои аввали 90-уми асри гузашта сабақ бигирем, ки ба қадри неъмати истиқлолу ваҳдати миллӣ бирасем. Падару модарони мо аз он рӯзгори фоҷиабори миллат барои мо ҳикоят мекунанд. Аз наворҳо ҳам дидаему аз китобҳову саҳифаҳои рӯзномаҳо хондаем. Душманони миллат чи аз



дохил ва чи хориҷи кишвар тамоми саъю кӯшишро ба харҷ доданд, то миллате бо номи Тоҷикистон дигар арзи вуҷуд накунад. Дар ин андеша буданд ва ҳам бовар доштанд, ки аз харитаи ҷаҳон “Тоҷикистон”–ро мебаранд. Аз ин рӯ, ҷанги шаҳрвандиро таҳмил карданд. Бар оташи фитнаҳо, дасисаҳо равған рехтанд. Хонаҳоро сӯхтанд, мардумон фирор карданд. Ба гуфтану навиштан осон аст, ки дар ин ҷанг 150 ҳазор нафар қурбон шуд, 55 ҳазор кӯдак ятим монд.

Ин дар ҳоле буд, ки тамоми сохторҳо фалаҷ шуда буданд ва Артиши миллӣ вуҷуд надошт. Бо буҷети тамоман харобгашта ва иқтисоди муфлисшудаи кишвар ба низом даровардани давлатдорӣ коре бас душвор буд. Албатта хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, баргардондани фирориён, обод сохтани Ватан тасаввурнопазир махсуб мешуд. Дар чунин шароит зимоми роҳбарии давлатро танҳо Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда гирифт. Барҳақ иброз доштанд: “Ҳамчун Раиси Шӯрои Олӣ ва Сарвари давлат хуб мефаҳмидам, ки дар он даврон барои тақдири Ватан ва халқи кишвар ниҳоят душвор кадом масъулиятро ба зимма гирифтаам”.

Барқарор кардани сулҳ ва ҳифзи кишвар бе таъсиси Артиши миллӣ ба ҳеҷ сурат даст намедод.

Аз баргузории Иҷлосияи тақдирсоз, яъне Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ муддати мадиде нагузашта буд, ки Артиши миллӣ таъсис ёфт. Артиши миллӣ дар он рӯзгор мисли имрӯз пешрафта набуд, аммо ҳамеша дар ҷавонони содиқи Ватан, сарзамини аҷдодӣ хизмат карданду мекунанд.

Мушкилоти артиши навтаъсис зиёд буд. Ба мутахассисони варзида ва донандагони хуби соҳа ниёз дошт. Бо техникаву силоҳ, ки ҷавобгӯи талаботи давр бошанд, таъмин набуд.

Ҳатто мушкилоти таъмини пурраи ғизои кофӣ ва либоси ҳарбӣ ба аскарону афсарон равшан эҳсос мешуд.

Барои ҳимояи ин давлат ва истиқлолаш ҷавонон, ки дар саҳфаи он бо сарсупурдагӣ хидмат мекарданд, ҷони азизи худро сипар намуданд. Оре, “Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромуш нашудааст”.

Баъдҳо низ душманони мо ҳамаи тадбирҳоро андешиданд ва чеҳраҳои аслиашонро нишон доданд. Ба рағми ин миллат, ин сарзамин, истиқлоли мо бо силоҳ ба ҷанг бархостанд. Артиши миллии мо борҳову борҳо ин гурӯҳҳоро шикаст дод ва маҳв сохт. Душманони миллати мо дарёфтанд, ки дигар Артиши миллии Тоҷикистон зӯру тавонманд аст ва ҳамеша бар ҳифзи сарзамини аҷдодӣ, кишвар омода мебошанд.

Ба бахти мо ва ин миллат Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд. Яъне, нафаре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ мебошанд ва барои пойдории истиқлол, пешрафти кишвари азизамон дар рӯзҳои бас душвор ҷон дар кафи даст доштанд. Сарвари давлат он чиро дар ояндаҳои дур медиданд, ки дигарон аз диданаш оҷиз буданд. Сарвари давлат маҳз ба хирад, ақлу заковати халқ такя мекарданд. Барҳақ дар он даврон иброз доштанд: “ Савганд ёд кардам, ки то вақте дил дар синаам метапад, ҳастиамро ба Ватан ва мардуми худ мебахшам, тамоми қуввату ғайрат ва донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, ба хотири шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона заҳмат мекашам”. Имрӯз ҳар ҷавоне, ки шомили Қувваҳои Мусаллаҳ мегардад, ба ин мазмун, яъне дар пайравии Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон савганд ёд мекунад. На танҳо савганд ёд мекунад, балки ба он вафо менамоянд. Асари неки онро мо имрӯз равшан мебинем. Бо артиши тавонои кишварамон ифтихор менамоем, аз неъмату амну осоиштагӣ, истиқлолу ваҳдат бархӯрдорем. Албатта дар баробари ин шукр мегӯем, ба ҷону дил шукр мегӯем. Инчунин шод аз онем, ки Тоҷикистон ин хонаи умеди мо обод асту пешрафта ва фардои дурахшонтаре моро насиб мегардад.

*Ҳамидзода Зебунисо, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик*

# 23 ФЕВРАЛ - ИДИ МАРДОНАГӢ ВА МАТОНАТ

Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ барои Тоҷикистони тозаистиқлол лозим омад, Қувваҳои Мусаллаҳи худро таъсис диҳад, ки он тавоноии ҳифзи Ватан, таъмини истиқлол ва ҳимояи мардумро дошта бошад. Бо Фармони Президенти Тоҷикистон, моҳи январи соли 1992 Кумитаи дифоъи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ин оғоз ёфтани раванди фаъолият ва ташкили гвардияи миллӣ буд. Моҳи декабри соли 1992 Вазорати дифои Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ибтидои раванди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи миллӣ гардид. Дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ, 23 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе бори нахуст гузашти низомии Қувваҳои Мусаллаҳ бо мақсади барқарор намудани истиқрори сулҳ ва хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ баргузор шуд, ки ин сана дар кишвар Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз санаи таъсисёбӣ то ба имрӯз, 23 феврал яке аз муҳимтарин ҷашнҳои таърихӣ таҷлил мегардад. Ин рӯз иди ҳимоятгарон, иди шараф ва садоқат, иди мардонагӣ ва матонат, иди гиромидошти сарбозону ҷанговароне аст, ки дар солҳои ҷангу душвориҳо хидмат ва дифои Ватанро ба ҷо овардаанд.

Аз ин рӯ, 23 феврал дар Тоҷикистон ду ид-Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан ҷашн гирифта мешавад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯз ба яке аз нерӯҳои пурқудрат табдил ёфтааст. Ин, албатта, кӯшишу заҳмати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри таъмини суботу амният, осоиштагии ҳаёти мардум, мустаҳкам кардани марзу буми кишвар мебошад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои душвори фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ якҷо бо сохторҳои низомии кишвар дар ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, безарар гардонидани гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткори трансмиллӣ ва хомӯш кардани ошубҳои хиёнаткорона бар зидди давлат ва ҷомеа саҳми сазовор гузоштаанд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои сахту сангинро пушти сар карданд ва имрӯз ба неруи қудратманди низомӣ, муҳофизи сулҳу субот ва фазои орому осудаи кишвар табдил ёфтаанд ва барои ҳифзи боэътимоди марзу буми Ватан рушду такомул меёбанд.

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».

Ин «вазифаи муқаддас» ҳам вазифаи конститутсионӣ ва ҳам маънавии шаҳрванд аст. Вазифаи муқаддас будани ҳифзи Ватан аз муқаддасоти Ватан бармеояд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи ҳудуди ҷуғрофӣ, ҳимоя ва истифодаи оқилонаву самараноки боигариҳои табииро пешбинӣ мекунад.

Азбаски Конститутсия таҳкими амнияти давлатро вазифаи ҳар шаҳрванд эълон намудааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ба ҳайси субъектони таъмини амният шаҳрвандонро дар қатори давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилоту идораҳо эътироф мекунад. Шаҳрвандон мисли дигар субъектҳо дар таъмини амният иштирок намуда, дорои ҳуқуқу вазифаҳоянд. Давлат ин ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандонро таъмин менамояд (моддаи 2 Қонун «Дар бораи амният»).

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 43 Конститутсия, тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад. Дар Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ бо қонунгузории соҳаи мудофиа ва хизмати ҳарбӣ муайян мешаванд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» хизмати ҳарбӣ «навъи махсус ва афзалиятноки хизмати давлатӣ буда, иҷрои бевоситаи ӯҳдадории конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ дар бар гирифтааст» (моддаи 23).

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон вазифаи фахрии шаҳрванд аст. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон «сохтори ҳарбии давлатӣ мебошанд, ки барои муҳофизати мусаллаҳонаи истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ аз таҷовуз таъин гаштааст» (моддаи 17).

Бо мақсади такмили Қувваҳои Мусаллаҳ дар асоси сафарбаркунӣ ва дар давраи ҷанг аз ҷумлаи шаҳрвандон эҳтиёти ҳарбӣ таъсис дода мешавад. Ин шаҳрвандон ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъват карда мешаванд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ӯҳдадории умумии ҳатмӣ бо мақсади мудофиаи давлат ташкил мешаванд. Мудофиа вазифаи муҳими давлат, халқ ва ҳар шаҳрванд аст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» зери мафҳуми мудофиа «системаи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ фаҳмида мешавад, ки ба таъмини мустақилият, якпорчагӣ ва дахлнопазирии ҳудуди ҷумҳурӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҳаёти осоиштаи аҳолӣ равона карда шудааст» (моддаи 1).

Ҳар як фарди ватандӯст, бояд дар қалби ҷавонон эҳсоси садоқат ба Ватан, ба давлату миллатро бедор намуда, онҳоро раҳнамой созад, то хизмати худро дар сафҳои Артиши миллӣ сарбаландона ба ҷо оранд. Баҳои сазовори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёдрас шудан, бамаврид аст: «Хидматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар таъмини сулҳу суботи устувор, амнияти давлат ва мардум, таҳкими ваҳдати миллӣ, ки пешрафту тараққиёти кишварамон бевосита аз онҳо вобаста мебошад, нақши барҷаста ва бузург доранд».

Ҷавонписарон ихтиёран ба хидмати ҳарбӣ рафта, пайи ҳифзи Ватани хешанд. Имрӯзҳо донишҷӯёни мактабҳои оливу касбӣ, бо ихтиёри худ ба ҳимояи Модар – Ватан камар бастаанд ва роҳбарияти донишгоҳу донишкадаҳо барои ҳавасманд намудани онҳо имтиёзҳо муқаррар кардаанд. Бовар дорем, ки парвардагони мактаби давлатдории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо садоқат ба Меҳани хеш марзу буми моро дифоъ мекунанд ва дар оянда шахсони сазовори давлат ва ҷомеа мегарданд.

*Қурбонова З.И.- муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ*

# НАТИҶАГИРИИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ

31 январи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳти раёсати ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ҷаласаи васеи Шурои олимон баргузор гардид, ки зимни он корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати кормандони муассиса дар соли 2024 натиҷагирӣ карда шуд.

Дар ҷаласа аъзоёни Шурои олимон, муовинони ректор, сардорони раёсатҳо, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони илмию омӯзгории Донишгоҳ иштирок намуданд.

Ректори Донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ҷаласаро оғоз намуда, дар мавриди самтҳои асосии фаъолияти донишгоҳ ибрози назар намуд.

Аз рӯйи масъалаи "Натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2024 ва нақшаҳо барои соли 2025" муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон маълумоти муфассалро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дод. Гуфта шуд, ки ҳайати устодону кормандони Донишгоҳ дар соли 2024 аз рӯйи 18 равия, 25 масъала ва 28 мавзуъ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буданд. Аз 465 нафар ҳайати омӯзгорон 451 нафарашон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буданд, ки ин шумора ба 95,1%-и теъдоди омӯзгорони донишгоҳ баробар аст ва нисбат ба 3 сол пеш 16,2 % зиёд мебошад. Дар соли 2024 1 нафар рисолаи докторӣ ва 18 нафар омӯзгорони донишгоҳ рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуданд. Инчунин, санаи ҳимояи 6 нафар унвонҷӯён маълум гардидааст, ки аз инҳо 1 нафарашон рисолаи докторӣ мебошад ва 34 нафар унвонҷӯён ва хатмкардагони зинаи докторантураи PhD рисолаҳои худро таҳия намуда, барои пешниҳод ба Шуроҳои диссертатсионӣ омодагӣ мегиранд.

Таъкид гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ ҳайати профессорону номзадони донишгоҳ 84 тақриз ба рисолаву авторефератҳои муҳаққиқон навиштаанд, ки нисбат ба соли гузашта 38 адад зиёд мебошад. Ҳамчунин дар донишгоҳ соли 2024 8 мавзуи илмӣ-таҳқиқотии фармоишӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони донишгоҳ мавриди иҷро қарор дошт.












Дар ин сол олимону омӯзгорони донишгоҳ 1 китоби дарсӣ (бо тавсияи мушовараи Вазорати маориф ва илм), 24 монография, 40 дастур ва васоити таълимӣ ва 243 мақола дар маҷаллаҳои КОА ва 694 мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, донишгоҳӣ ва дигар нашрияҳо чоп намудаанд, ки нашри мақолаҳо дар муқоиса ба соли гузашта 9% зиёд шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ устоди факултети физика ва математика, дотсент-Ғафоров Сатор, ба гирифтани НАХУСТПАТЕНТ (№TJ 1552, 8.11.2024) бо ихтироъ "Барои чен кардани параметрҳои электрофизикӣ ва пайвастагиҳои нимноқилӣ дар ҳарорати миёна" дар соҳаи физика шарафёб гардид.

Зикр гардид, ки дастовардҳои устодону донишҷӯён низ дар озмунҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва маҳфилу олимпиадаҳо назаррасу қобили ситоишанд. Дар давраи ҳисоботӣ дастаи олимпии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо гирифтани 6 ҷойи ифтихорӣ (1 ҷойи аввал, 2 ҷойи дуюм ва 3 ҷойи сеюм) ва 2 "Ифтихорнома"-и Вазорати маориф ва илм барои иштироки фаъолона миёни дастаҳои олимпии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, дар бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ҷойи дуюмро касб намуд.

Ҳамзамон дастаи олимпии Донишгоҳ дар озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" бо гирифтани 4 ҷойи ифтихорӣ (1 ҷойи дуюм дар номинатсияи "География", 2 ҷойи сеюм (як ҷой аз номинатсияи "Ихтироъкорӣ", як ҷой аз номинатсияи "Химия") ва 1 "Ифтихорнома" барои иштироки фаъолона) миёни дастаҳои олимпии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ифтихороти Донишгоҳро афзуданд.

Дар ин давра заҳмат ва талошҳои коллективи меҳнатии Донишгоҳ дар роҳи омоданамоии донишҷӯён барои иштирок дар озмуни бонуфузи ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» натиҷаи нек ба бор оварда, дастаи донишҷӯёни Донишгоҳ дар давраи ҳисоботӣ бо гирифтани 3 ҷойи намоён (1 ҷойи якум дар номинатсияи "Адабиёти классикии тоҷик", 2 ҷойи сеюм (як ҷой аз номинатсияи "Адабиёти ҷаҳон", як ҷой аз номинатсияи "Адабиёти муосири тоҷик") ва 2 "Ифтихорнома" барои иштироки фаъолона) миёни дастаҳои олимпии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар муаррифгари шоистаи Донишгоҳ гардиданд.

Ректори донишгоҳ вобаста ба натиҷаи ҳисоботи дотсент Рафиев Сафархон фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии ҳайати кормандонро мавриди таҳлил қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва ба низом даровардани равандҳои фаъолияту расидан ба дастовардҳо дастуру супоришҳои мушаххас ироа намуд.

Ҳамзамон, гурӯҳе аз устодони донишгоҳ ҷиҳати фаъолияти назаррас ва ноил гардидан ба дастовардҳои меҳнатӣ аз ҷониби ректори донишгоҳ бо Сипоснома ва мукофоти пулӣ қадр шуданд.

Кори ҷаласаи Шуро бо қабули қарорҳои дахлдор анҷом пазируфт.

*Муҳаммадҷони Абдувоҳид,*
*"Анвори дониш"*

# САФИ КОРМАНДОНИ ИЛМӢ МЕАФЗОЯД!



Санаи 18.01.2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи илмии хатмкардаи зинаи докторантураи PhD-и кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик ва журналистика Раҳмонова Гулдона Соҳибназарова дар мавзуи "Таҳқиқи қиёсии асарҳои "Асрор" ва "Фарзанд"-и Ғаффор Мирзо (масъалаҳои матншиносӣ)", зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кӯчарзода Аламхон баргузор гардид.

* * * * * * *



Санаи 23.01.2025 дар факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷӣ Ҷамолбии Ҳабибулло дар мавзуи "Асосҳои педагогии инкишофи қобилияти хонандагони миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло баргузор гардид.

* * * * * * *



Санаи 23.01.2025 дар факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷӣ Раҷабова Ҷамила дар мавзуи "Калимасозии пасвандии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи "Ёддоштҳо" ва "Марги судхур"-и С. Айнӣ)" бо роҳбарии профессори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Қосимов Олимҷон баргузор гардид.

* * * * * * *



Санаи 01.02.2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯйи кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими они факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ Саидов Парвин Абдусатторович дар мавзуи "Омодасозии донишҷӯёни тахассуси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбӣ ба фаъолияти касбӣ (дар асоси навъҳои гуштин)", зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ баргузор гардид.



Санаи 01.02.2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯйи кафедраи информатика ва методикаи таълими они факултети физика ва математика Бобохонов Ҷамшед Сабзаалиевич дар мавзуи "Хусусиятҳои омодасозии омӯзгорон барои истифодаи имконоти технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар таҳсилоти фосилавӣ", зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ баргузор гардид.

***Корҳои илмии муҳаққиқон бо дарназардошти тавсияҳо анҷом ёфта ҳисоб шуда, барои муҳокимаи давраҳои минбаъда тавсия карда шуд.***

* * * * * * *



Санаи 17.01.2025 Раҳматов Умед Раҷабович-муаллими калони кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи илмии худро дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», зери роҳбарии Файзулло Машраб Қурбоналӣ-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

* * * * * * *



Санаи 18.02.2025 Муродов Равшан Назриевич-муаллими калони кафедраи забони муосири руси факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи илмии худро дар мавзуи «Обучение студентов-филологов терминологической лексике в аспекте профессионального общения» (Омӯзиши лексикаи терминологии донишҷӯёни филолог дар заминаи муошırати касбӣ), зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.8.2–Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ, таҳсилоти олӣ) дар Шурои диссертатсионии 99.0.065.02 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд.

***Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба унвонҷӯён ва ҳамчунин роҳбарони илмиашон барору комёбиҳо таманно намуда, ба онҳо дар ҷодаи илму дониш муваффақиятҳои нав ба навро орзу менамоянд.***

# ИНТИХОБОТ-ПАДИДАИ МУҲИМИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ



Бо чунин ном 11.02.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамоиши илмӣ-назариявии ҳайати устодону донишҷӯён дар ҳошияи баргузории интихоботи вакилони халқ-2025 баргузор гардид. Дар ҳамоиш ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини раиси ҳавзаи интихоботии Кӯлоб №37-Саодат Абдулҳакимзода, муовинони ректор, ҳайати устодон ва сардорони гурӯҳҳои таълимии донишҷӯёни муассиса, ки бори аввал дар интихобот иштирок намудаву бахри ободӣ ва пешрафту шукуфоии Ватани маҳбуб овоз медиҳанд, иштирок намуданд.

Ректори донишгоҳ профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ таъкид дошт, ки «Дар бораи таъйини интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2024 қабул гардид, ки тибқи он интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо 2 марти соли 2025 таъйин карда шуда, интихоботи даъвати нави аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2025 таъйин гардид. Ҳамчунин муайян гардид, ки интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» 2 марти соли 2025 гузаронида мешавад. Он ҳамчун маъракаи муҳими сиёсиву падидаи муҳими ҷомеаи демократӣ ва унсури давлати озоду обод вазифаҳои гуногун дошта, дар рушди тамоми соҳаҳои ҷамъият нақши бузургро иҷро намуда, мақсад, зарурат, ташкил ва баргузории интихоботро, қабл аз ҳама, таъмини субот ва ҳамгирой, умумигардонии манфиатҳо, ташкил ва назорати ҳокимият, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин ишора рафт, ки интихобот дар равандҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад, зеро як нишона ва принсипи асосии мавҷудияти ҷомеаи демократиро дар давлат, интихобот ва низоми интихоботӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар Конститутсия Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ гардидааст. Инчунин, дар моддаи 6-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ аҳамияти интихобот ва нақши он дар ташаккул ва амалигардонии ҳокимият нишон дода шудааст: “Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст”. Яъне, нақши интихобот ҳамчун восита дар воқеъ гардидани ҳокимияти халқ бузург аст. Мардум тавассути интихобот шахсиятҳои арзанда ва мувофиқро пайдо намуда, онҳоро ҳамчун роҳбар ва ҳимоятгари манфиатҳои хеш интихоб менамоянд. Интихобот ҳамчун унсури муҳими ҷомеаи демократӣ дар таҷассуми иродаи шаҳрвандони мамлакат, ташаккул ва таҳкими системаи сиёсӣ ва амалӣ гардондани ҳокимияти мардум нақши бузург дорад.



Дар идома тибқи барномаи ҳамоиш Исозода Парвиз Асадулло, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг дар мавзуи “Низоми интихоботӣ ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Каримҷонзода Манучеҳр Каримҷон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар мавзуи “Интихобот ва нақши он дар ҷомеаи муосир” ва Ғаюров Лоиқ Шералиевич, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа доир ба мавзуи “Нақши интихобот дар рушди ҷомеаи демократӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ” маърӯзаҳои ҷолиби диққатро ба самъи ҳозирин расониданд.

Баромадкунандагон бо фаҳмонида додани моҳият ва зарурати интихобот ба иштирокчиёни ҳамоиш иброз доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати миллӣ бо таҷрибаи баргузор намудани интихоботи шаффоф ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони худ дар давоми 33 соли соҳибистиқлолӣ қадамҳои устувор ва баҳодурона гузошта истодааст. Дар ин муддат интихобот барои мардуми Тоҷикистон имконеро ба вуҷуд овардааст, ки тавонанд дар ташаккул ва амалӣ гардонданӣ ҳокимияти худ аз он истифода намоянд.

Баъд қисми асосӣ дар бахши музокира дотсент Муродова Гулчеҳра, муаллимони калон Валиева Саъбагул ва Азизаи Нурулло ба сухан баромада, нақши ҳамоишро дар баландбардории донишҳои сиёсии донишҷӯён муҳим арзёбӣ намуданд.

Ҳамчунин донишҷӯён доир ба масоили гуногун дар робита ба интихобот саволҳо бешниҳод намуда, заминаи донишҳои худро мустаҳкам намуданд.

*М. Абдувоҳид, “Анвори дониш”*

# ҲАРАКАТИ БОСМАЧИГАРӢ - НАМУНАИ НАХУСТИНИ ИФРОТГАРОӢ ДАР МИНТАҚА

Санаи 15 феврали соли 2025, дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар доираи хонишҳои сиёсӣ ҳамоиши илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, мудири бахши таҳлил ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Маҳмудов Давлатшоҳ, муовини раиси шаҳри Кӯлоб Асозода Манучеҳр, намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла эмомхатибони масҷидҳои шаҳр, кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони ташкилоту идораҳо, ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Дар оғози ҳамоиш муовини ректор оид ба таълим Абдусамадзода Эраҷ суханронӣ намуда, меҳмонро хайрамақдам гуфта, зикр кард, ки мақсади баргузории чунин ҳамоишҳо баланд бардоштани маърифати сиёсии ҷавонон, пешгирии гароиши онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва таҳкими ҳисси ватандӯстиву хештаншиносӣ дар миёни насли наврас мебошад. Таъкид намуд, ки ҳар як донишҷӯ, омӯзгор ва дар маҷмуъ ҷомеа бояд дорои ҷаҳонбинии муосири сиёсӣ бошад, то дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири афзояндаи муҳити иттилоотӣ метавонад воқеиятро дуруст арзёбӣ намуда, ба таблиғоти гурӯҳҳои ифротӣ дода нашавад.









Сипас, Маҳмудов Давлатшоҳ – мудири бахши таҳлил ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Ҳаракати босмачигарӣ намунаи нахустини ифротгароӣ дар минтақа” суханронӣ намуд. Дар баромади худ Маҳмудов Давлатшоҳ қайд кард, ки ифротгароӣ на танҳо зуҳуроти муосир, балки решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Ба гуфтаи ӯ, ҳаракати босмачигарӣ, ки дар оғози асри XX ба миён омада буд, нахустин шакли фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ дар минтақа маҳсуб мешавад.

“Босмачигарӣ на танҳо як шӯриш бар зидди низоми сиёсӣ буд, балки ҳаракати пароканда ва бидуни асоси қавии миллӣ, ки аз ҷониби қувваҳои хориҷӣ ҳимоят мешуд, ба ҳисоб мерафт. Ҳарчанд онҳо худро муҳофизони арзишҳои миллӣ вонамуд мекарданд, воқеият нишон дод, ки бештари онҳо ба манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ майл доштанд”, - изҳор дошт ӯ.

Мавзуи ифротгароӣ имрӯз низ мубрами рӯз боқӣ мемонад, зеро гурӯҳҳои тундрав бо истифода аз методҳои гуногуни таблиғотӣ кӯшиш мекунанд, ки ҷавононро ба сафи худ ҷалб намоянд. Маҳз ҷаҳолат ва набудани дониши сиёсӣ боиси ба доми гурӯҳҳои ифротӣ афтидани ҷавонон мегардад.

Дар идома муовини раиси шаҳри Кӯлоб Асозода Манучеҳр ба сухан баромада, андешаҳои худро оид ба мавзуи баррасишуда баён намуда, зарурати ташкили чунин вохӯриҳоро барои баланд бардоштани донишҳои сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷомеа муҳим арзёбӣ кард.

*Тошматов Умар, “Анвори дониш”*

«Ҳар кас аз Ватани худ рӯ гардонад, аз виҷдони худ низ рӯ мегардонад».

Ярослав Галан



# БАРГУЗОРИИ ҲАМОИШИ ОНЛАЙНИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар доираи ҳамкориҳо бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтайи Федератсияи Россия ҳамоиши онлайнии байналмилалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами адабиёти ҷаҳон" баргузор гардид, ки дар он омӯзгорон ва донишҷӯёни Россияву Узбекистон ва Тоҷикистон ширкат варзиданд. Аз ҷумла, омӯзгорону донишҷӯёни факултети филологияи руси донишгоҳ дар кори ҳамоиш бо маърӯзаҳо баромад карда, дар музокирот ва баҳсҳои илмӣ хеле фаъол буданд.

Дар чорабинӣ маърузаҳои дотсенти кафедраи адабиёти ДДОА ФР Абузова Н.Ю. дар мавзуи "Особенности художественного мира азиатско-американской писательницы Эми Тан", омӯзгори мактаби давлатии махсуси ш. Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Заидова В.М дар мавзуи "Обзор мировой литературы в школьной программе с узбекским языком обучения" ва муаллими калони кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР-и Донишгоҳ Салихова Лутфия дар мавзуи "Особенности подготовки учителя литературы, обучающего на русском языке, для национальных школ в Таджикистане" маърӯзаҳои худро ироа намуда, мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар музокирот ҳамчунин муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Шарофат Худойдодова ва дотсенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР Ашуров Азамат баромад намуда, роҳандозӣ гардидани ҳамкориҳои судманди илмиро бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар, аз ҷумла бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтайи Федератсияи Россия муҳим арзёбӣ намуданд.

Таъкид рафт, ки тибқи нақшаи муштарак бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтайи Федератсияи Россия то анҷоми соли таҳсил баргузории чорабиниҳои гуногуни маърифатию илмӣ бо ширкати омӯзгорону донишҷӯёни ҳамаи факултетҳои донишгоҳ дар назар аст.

*Тошматов Умар, "Анвори дониш"*

# КОНФРОНС. ЗАНОН ВА РУШДИ ИЛМИ МУОСИР



Таҳти унвони мазкур 10.02.2025 дар факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конфронси илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Конфронси мазкур бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва бо мақсади баррасии нақши занон дар рушди илм, технология ва таҳсилот ташкил гардид.

Дар конфронс декани факултет, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самадинова Зайнаб, раиси Шурои занони донишгоҳ Рузиева Барно, ҷонишини декан оид ба тарбия Ашурова Саодат ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст, декани факултет, дотсент Самариддинова Зайнаб суханронӣ намуда, қайд намуданд: "Занон дар тӯли таърих нақши муҳим дар рушди илму фарҳанг бозидаанд. Бо вуҷуди монеаҳои зиёде, ки дар давраҳои гуногун вуҷуд доштанд, онҳо тавонистанд дар илмҳои гуногун — аз математика ва физика то тиб ва муҳандисӣ — саҳми назаррас гузоранд".

Сипас, раиси Шурои занони донишгоҳ Рузиева Барно ба сухан баромада, иброз доштанд, ки занон дар рушди илм ва технологияи муосир нақши муҳим мебозанд. Дастгирии онҳо метавонад ба пешрафти босуръати илм мусоидат кунад. Барои ноил шудан ба баробарии ҷинсӣ дар илм, ҷомеа бояд шароити мусоид фароҳам оряд ва ба духтаронро ба омӯзиш ва таҳқиқот ҳавасманд созад. Дар идома муаллими калони кафедраи илмҳои компютерӣ Шоҳсанами Ризо дар мавзуи "Ҳурмати модар вазифаи муқаддаси фарзанд", донишҷӯёни курсҳои якуми факултет Ахмедзода Маҳфират дар мавзуи "Хусусиятҳои сарварии занон дар замони муосир" ва Хокироҳзода Меҳрона дар мавзуи "Занон-пешоҳанги ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон" маърӯзаҳои худро баромад намуданд.

Маърӯзакунандагон иброз доштанд, ки дастгирии занон дар илм ва технология бояд яке аз авлавиятҳои асосии ҷомеа бошад. Пешниҳод гардид, ки барои баланд бардоштани сатҳи иштироки духтарон дар соҳаҳои илмӣ, чорабиниҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва барномаҳои дастгирии истеъдодҳо бештар роҳандозӣ карда шаванд.

*Мунисаи Маҳмарабӣ, "Анвори дониш"*

# МАҲФИЛИ «ШОҲНОМАХОНӢ» ДАР ДОНИШГОҲ



Санаи 10.02.2025 дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили навбатии илмӣ-эҷодии "Шоҳномахонӣ" баргузор гардид. Дар маҳфил доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷик Ашурова Нодира, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик Шамшоди Ҷамшед, ҷонишини декан оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои хориҷӣ Қаюмова Мубина, инчунин донишҷӯёни факултет ширкат варзиданд.

Маҳфилро профессор Ашурова Нодира ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо мавзуъҳои баррасишавандаи маҳфил шинос намуданд.

Дар идома, донишҷӯёни факултет маърӯзаҳо худро ироа карданд. Донишҷӯи курси дуюм Сафарзода Саида бо маърӯза таҳти унвони "Фарҳанги либоспӯшии занон дар "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ" баромад намуд. Ҳамчунин, донишҷӯи курси якум Гулбии Қурбонали дар мавзуи "Бозтоби истифода аз атриёту хушбӯйиҳо дар "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ" суханронӣ кард.

Маҳфил бо саволу ҷавоб ва мубоҳисаҳои ҷолиб миёни иштирокдорон идома ёфт. Чорабинӣ дар фазои илмӣ ва самимона сурат гирифт ва иштирокдорон аз муҳтаво он баҳравар гардиданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки маҳфили "Шоҳномахонӣ" ҳар моҳ як маротиба баргузор гардида, баҳри рушди дониш ва тафаккури адабии донишҷӯён мусоидат мекунад.

*Тошматов Умар, "Анвори дониш"*

# ПЕШГИРИИ НАШЪАМАНДӢ — КАФИЛИ СОЛИМИИ ҶОМЕА

Санаи 12-уми феврали соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷиҳати иҷрои муқаррароти "Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" воҳӯрӣ бо намояндагони Маркази вилоятии бемориҳои наркологӣ дар минтақаи Кӯлоб доир гардид.



Дар воҳӯрӣ сардори раёсати тарбия Холматов Баҳром, директори Маркази вилоятии бемориҳои наркологӣ дар минтақаи Кӯлоб Бердиев Оқилҷон, сармутахассиси марказ Тағоева Сайлонбӣ, намояндаи Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим дар шаҳри Кӯлоб Диловаров Давлатмурод, намояндаи Маркази ВНМО-и шаҳри Кӯлоб Сатторзода Умар ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Нахуст, сардори раёсати тарбия Холматов Баҳром суханронӣ намуда, меҳмононро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, гузаронидани чунин воҳӯриҳо сариваҚтӣ ва муҳим арзёбӣ намуданд. Сипас, директори Маркази вилоятии бемориҳои наркологӣ дар минтақаи Кӯлоб Бердиев Оқилҷон дар мавзуи "Пешгирӣ аз паҳншавии нашъамандӣ миёни ҷавонону наврасон", сармутахассиси марказ мазкур Тағоева Сайлонбӣ дар мавзуи "Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030", намояндаи Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим дар шаҳри Кӯлоб Диловаров Давлатмурод дар мавзуи "Солимии ҷомеа аз оила шуруъ мегардад" ва намояндаи Маркази ВНМО-и шаҳри Кӯлоб Сатторзода Умар дар мавзуи "Пешгирӣ аз паҳншавии бемории ВНМО ва БПНМ" маърӯза намуданд.

Маърӯзакунандагон иброз намуданд, ки пешгирии нашъамандӣ ва бемориҳои вобаста ба он бояд на танҳо вазифаи сохторҳои тиббӣ ва ҳукуматӣ бошад, балки тамоми ҷомеа, бахусус омӯзгорон ва волидон низ дар ин раванд нақши фаъол дошта бошанд. Онҳо зикр карданд, ки нашъамандӣ на танҳо ба саломатии инсон зарар мерасонад, балки сабаби афзоиши ҷиноятҳо, паст шудани сатҳи зиндагӣ ва вайрон шудани оилаҳо мегардад.

Дар охири воҳӯрӣ донишҷӯён ба маърӯзакунандагон саволҳо пешниҳод намуданд. Ҷавобҳои муфассал ва тавсияҳои мутахассисон ба иштирокдорон кумак намуд, то ки дар оянда дар ҳаёти худ ва ҷомеа масъулиятшинос бошанд.

*Амируллозода Ҷаҳонгир, "Анвори дониш"*

# СОХТАНИ ХАРГӮШАК



12.02.2025 дар кӯдакистони "Ситора"-и назди донишгоҳ дарси намунавии мураббия Абдуллоева Малоҳат дар гурӯҳи дуюми хурд (кӯдакони синни 3-4-сола) дар мавзуи "Сохтани харгӯшак" баргузор гардид.

Дар дарс мудири кӯдакистон, номзади илмҳои педагогӣ Саодати Раҳмоналӣ ва ҳайати мураббиён аз боғчаҳои бачагонаи шаҳри Кӯлоб иштирок доштанд.

Дарс бо шунидани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои кӯдакони гурӯҳ оғоз гардид.

Сипас, мураббия дарсро бо шинос кардани мавзуъ ва нишон додани тасвирҳои харгӯш идома дод. Ӯ ба кӯдакон суолҳо дода, онҳоро ба фаъолона иштирок кардан ҳидоят намуд. Баъдан, бо истифода аз методҳои бозӣ ва такрор, кӯдакон хусусиятҳои харгӯшро омӯхта, бо рангҳо ва шаклҳо шинос шуданд.

Қисмати амалии дарс ба сохтани харгӯшакҳо аз коғаз ва маводи гуногун бахшида шуд. Кӯдакон бо роҳнамоии мураббия ва дастгирии ёрдамчиён кӯшиш карданд, ки бо истифода аз коғази ранга ва ширеш харгӯшакҳои худро созанд.

Ҳангоми иҷрои корҳо, мураббия кӯдаконро барои ташаккули маҳоратҳои эҷодкорӣ ва ҳамкорӣ бо ҳамсолонашон ҳавасманд кард. Кӯдакон бо шавқу завқ ба омӯзиш машғул шуданд ва дар ниҳоят, ҳар як иштирокчӣ харгӯшаке сохт.

Дарс бо бозии интерактивӣ ва шеърхонии дастаҷамъона анҷом ёфт.

*Амируллозода Ҷаҳонгир, "Анвори дониш"*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2023 ба донишҷӯи курси 2-уми факултети молиявию иқтисодӣ Сангов Самир (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2017 ба донишҷӯи курси 2-уми факултети иқтисод ва идора Маҷидов Суҳроб (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2020 ба донишҷӯи курси 2-уми факултети молиявию иқтисодӣ Рафиев Абдусаид (таълими рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети филологияи хориҷӣ Зокиров Раҷабалӣ (таълими рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2020 ба донишҷӯи курси 5-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг Бозорова Лола (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2020 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора Абдуллозода Миралӣ (таълими рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

«Ватани худро доғдор намудан маънои фурӯхтани онро дорад».
Виктор Гюго



# МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ: ТАҲЛИЛИ ТАҲДИДҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

Дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм ҳамчун таҳдидҳои ҷиддии амниятӣ ба тамоми кишварҳо таъсир мерасонанд. Ин зуҳурот на танҳо ба ноороми дохилӣ ва таҳдиди амниятӣ сабаб мешаванд, балки боиси фурӯпошии давлатҳо, косташавии суботи сиёсӣ ва рушди иқтисодӣ мегарданд. Имрӯз, бо назардошти афзоиши гурӯҳҳои террористӣ ва тактикаҳои нави онҳо, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд стратегияҳои муассиреро барои муқовимат бо ин зуҳуроти хатарзо таҳия намояд. Тоҷикистон, ки таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандиро паси сар кардааст, бо чунин таҳдидҳо аз наздик ошност ва ҷораҳои мушаххасеро барои пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ роҳандозӣ намудааст.

Ҷаҳони муосир бо таҳдидҳои ҷиддии амниятӣ рӯ ба рӯ шудааст. Миллионҳо одамон дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон аз ҷангҳо ва ноороmиҳо зарар дидаанд. Терроризм ва экстремизм, ки аксар вақт бо шиорҳои диниву мазҳабӣ ниқоб мепӯшанд, сабабгори бенизомии сиёсӣ ва бесуботии ҷомеаҳо мегарданд. Ба таъбири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро ҳадафҳои муғаразонаи худро тахти парчами мубориза барои адолати иҷтимоӣ пинҳон намуда, ҷавононро ба доми худ мекашанд.

Ифротгароии динӣ яке аз роҳҳои асосии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ мебошад. Ин раванд аксар вақт бо истифода аз таблиғоти интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, ки дар он ифротгароён бо ваъдаҳои бардурӯғ ҷавононро фиребта мекунанд. Ғайр аз ин, камбудиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ сабаби асосии шомилшавии ҷавонон ба ин ҳаракатҳо мешаванд.

Тоҷикистон пас аз ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба кишвар зиёни бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ расид, барои таъмини субот ба мубориза бо терроризм ва экстремизм ҷораҳои мушаххас андешид. Зиёда аз 150 ҳазор нафар дар ин ҷанг ҷони худро аз даст доданд, 1 миллион нафар гуреза шуданд ва зиёда аз 10 миллиард доллар зарари иқтисодӣ ба кишвар ворид шуд.




Бо мақсади пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ, Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати қатъиро пеш гирифта, фаъолияти 28 ташкилоти террористиро расман манъ кардааст. Дар баробари ин, мақомоти кишвар барои аз байн бурдани сабабҳои аслии гароиши ҷавонон ба ифротгароӣ кор мебаранд, ки ба онҳо баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ, таъмини кор ва шуғли ҷавонон ва пешбурди тарбияи ватандӯстӣ шомил мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар конференсҳои байналмилалӣ, аз ҷумла "Раванди Душанбе" дар соли 2018, борҳо зарурати мубориза бо терроризм ва экстремизмро таъкид кардаанд. Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешсаф дар самти муқовимат бо ин хатарҳо, ташаббусҳои муҳимеро пешниҳод намудааст. Дар ин конфронс, ки бо иштироки созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагони кишварҳои гуногун баргузор гардид, роҳҳои такмили мубориза бо терроризм ва пешгирии ифротгароӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Президенти кишвар зарурати ҳамкории байналмилалиро барои маҳви омилҳои асосии ифротгароӣ, аз ҷумла камбизоатӣ ва бекорӣ таъкид намуданд.

Барои самаранок мубориза бурдан бо терроризм ва экстремизм, стратегияҳои зерин бояд мавриди амал қарор гиранд:

Тақвияти маориф ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон - таъмини таълимоти дурусти динӣ ва омӯзиши арзишҳои миллӣ метавонад ҷавононро аз доми гурӯҳҳои ифротгаро дур нигоҳ дорад. Дар ин замина, ҳам муассисаҳои таълимӣ ва ҳам васоити ахбори омма нақши муҳим мебозанд.

Таҳкими қонунгузорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ - барои муқовимати муассир бо гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ, ҳамкории кишварҳо дар мубодилаи маълумот ва амалиётҳои муштарак зарур аст.

Баланд бардоштани нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳо - журналистон, блогерон ва шахсони маъруф метавонанд бо таблиғоти худ ба ҷомеа ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмиро ташвиқ намоянд.

Таъмини шуғл ва имкониятҳои иқтисодӣ - доштани ҷойи кор ва зиндагии шоиста метавонад сабабҳои аслии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротиро коҳиш диҳад. Инчунин, ҳукумат бояд барномаҳои дастгирии соҳибкорони ҷавон ва рушди бахши хусусиро густариш диҳад.

Назорати фазои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ – таблиғоти экстремистӣ дар интернет бояд тахти назорати ҷиддӣ қарор гирад, зеро аксари ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Терроризм ва экстремизм мушкилоти ҷиддие мебошанд, ки ҳалли онҳо танҳо бо як роҳи мушаххас имконнопазир аст. Барои муқовимати самаранок бо ин падидаҳо, ҳамкории васеи тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва созмонҳои байналмилалӣ, зарур аст. Танҳо бо сиёсати дуруст ва иқдомҳои мушаххас метавонем амнияти ҷомеа ва суботи кишвари худро таъмин намоем.

Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои таърихи пуршарафи сулҳпарварона, бояд сиёсати худро дар самти пешгирии экстремизм ва таҳкими ваҳдати миллӣ идома диҳад. Маҳз дар ҳамбастагӣ ва саъю кӯшиши якҷоя метавонем амнияти ҷомеа ва суботи кишвари худро таъмин намоем. Ҳар яки мо вазифадорем, ки барои ҳифзи истиқлолият, пешрафти Тоҷикистон ва тарбияи насли солим кӯшиш намоем, то ҷавонони мо воситаи дасти гурӯҳҳои ифротгаро нашаванд.

*Ғафуров Қамариддин-ассистенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР*

# ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ БА ИДЕОЛОГИЯИ МИЛЛИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН




Дар шароити нави рушди ҷомеаи тағйирёбанда, ки фарогири консепсияҳои ҷаҳонишавӣ гардидааст, тамоми давлатҳо ва фарҳангҳоро дар заифиву устуворӣ имтиҳон мекунад ва ин раванд ба ҳама соҳаҳои фаъолияти инсонӣ таъсири мусбӣ ва манфӣ мерасонад.

Бояд ёдовар шуд, ки баъди ҷомеаи пасосаноатӣ тамоми ҷомеаи ҷаҳониро бо таъсири ҷаҳонишавӣ ҷомеаи технократӣ-иттилоотӣ фаро гирифта, ҳаёти рӯзмараи инсон низ ба он вобаста шуда истодааст. Дар ин замина бояд иқрор намуд, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар радифи хусусиятҳои хуб доштанаш боз хусусиятҳои бад ҳам дорад. Махсусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар ин замина аз хусусиятҳои манфӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ, масъалаҳои киберамният, хусусан, вақте ки сухан дар бораи таъсири терроризм ба ҷавонон ба наврасон меравад, аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Идеологияи миллӣ дар зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла ҷараёнҳои иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки аксар вақт тахти таҳдиди кибертерорризм қарор мегиранд.

Мушкилот дар он аст, ки ҷавонон, ба хусус наврасон аксар вақт зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет қарор мегиранд, ки дар он муҳтавои аз ҷиҳати идеологӣ таҳрифшуда ба осонӣ паҳн мешавад. Гурӯҳҳои кибертеррористӣ аз абзорҳои (асбобҳо) рақамӣ барои ҷалб кардани ҷавонон фаъолона истифода мебаранд, ки таъсири он ба ҳаддест, ки метавонад ба нобудии ҳувияти миллӣ ва тартиботи иҷтимоӣ оварда расонад.

Шабакаи умумиҷаҳонии Интернет рӯз аз рӯз афзун шуда, истифодабарандагони зиёдро ба худ ҷалб менамояд. Махсусан бо зиёд шудани провайдерҳои интернетӣ ва арзон шудани ин шабака тамоми шаҳрвандони дунёро ба худ ҷалб мекунад. Ҳамзамон гуфтан ба маврид аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет аз ҳамлаҳои ифротгароён ором набуда, тавассути он ҷалб намудани ҷавонони мо ба гурӯҳҳои ифротӣ аз қабили кибертерроризм, экстремизм ва терроризму дигар гурӯҳҳои ифротӣ шомил шудани ҷавонон бештар ба назар мерасад, ки ҳамаи онҳо дар бораи чи гуна истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоӣ ва дастгоҳҳои рақамиро маълумоти мукаммал надорад.

Кибертерроризм ба ташаккули мафкураи ҷавонон, ворид ба фазои иттилоотии онҳо тавассути каналу платформаҳои гуногуни онлайнӣ таъсир мерасонад.

Технологияҳои муосир ба кибертеррористон имконият медиҳад, ки ғояҳои худро муассир паҳн кунанд, ақидаҳои ифротгароиро таблиғ кунанд ва дар байни ҷавонону наврасон ҷонибдорони нав пайдо кунанд.

Яке аз механизмҳои асосии таъсири кибертерроризм ба ҷавонон истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои бозӣ, иртиботи онлайнӣ ва дигар захираҳои интернетӣ мебошад. Илова бар ин, гурӯҳҳои кибертеррористӣ барои паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, тариқи афкори ҷомеа ва эҷоди симои душманро фаъолона истифода мебаранд.

Кибертерроризм аз воситаҳои технологӣ барои паҳн кардани ғояҳои ифротгароӣ ва радикалӣ, инчунин таъсир расонидан ба шунавандагон, яъне ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, бозиҳои онлайнӣ ва дигар платформаҳои рақамӣ истифода мекунанд. Ин хатари таҳрифи мафкураи миллӣ ва ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароиро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, кибертерроризм ба ташаккули мафкураи ҷавонон, таъсир ба арзишҳо, эътиқодҳо ва тарзи рафтори онҳо табдил меёбад. Барои мубориза бо ин падида на танҳо таҳкими киберамният, таҳияи стратегияҳои ҳамаҷонибаи муқовимат ба таблиғи ифротгароӣ ва радикализатсияи интернетӣ, инчунин корҳои фаъол оид ба баланд бардоштани саводнокии иттилоотии ҷавонон зарур аст.



*Сафарзода Сироҷиддин, магистранти курси 1-уми факултети филологияи хориҷӣ*

Ба ҷуз меҳрат таманное надорам, Тоҷикистонам,
Умедам, орзуям, ифтихорам, Тоҷикистонам. Рустами Ваҳҳоб



**Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси сиёсиву низомӣ ва иқтисодиву иҷтимоии таърихи мардуми тоҷик ва давлати тоҷикон таъсис дода шуданд.**

**Зеро таъсиси Артиши миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдории миллӣ зарурати шадиди рӯз ва тақозои мубрами он айёми басо вазнину тақдирсоз буд.**

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

## ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ МУБОРАК!



Бо фармоишҳои Комиссисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 унвони илмӣ ва 1 дараҷаи илмии устодони донишгоҳ тасдиқ шуд.

Ба иттилои раёсати илм ва инноватсияи донишгоҳ аз ин шумора 1 унвони илмии профессор, 2 унвони илмии дотсент ва тасдиқӣ 1 рисолаи номзадӣ мебошад.

Аз ҷумла, тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2025, №17/уи ба доктори илмҳои таърих-Абдуллоев Маҳмуд Холовиx, шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси “Таърих” ва бо фармоиши №16/уи аз 31.01.2025 ба устодон Бакиев Рузибек Усмонович шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Таърих” ва Аблуллоев Насулло шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Сиёсатшиносӣ” дода шуд.

Инчунин мутобиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2025, №13/ди рисолаи илмии муаллими калон-Абдулов Дилшод Назарович тасдиқ гардида, ба ӯ дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шуд.

Раёсат ва ҳайати кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ устодонро ҷиҳати мушарраф гардидан ба дастовардҳои илмӣ самимона табрику таҳнияти шодбош гуфта, дар пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба онҳо барору комёбиҳои беназир таманно менамоянд.

## ЗОДРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи феврали солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

*1. ҚАЛАНДАРОВ САЙИДАСРОР, 01.02.1947, муаллими калони кафедраи МТФ ва ТМ;*
*2. РАСУЛОВА НОДИРА, 01.02.1981, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;*
*3. ОРИФЗОДА ОРЗУ, 01.02.1986, н.и.п., сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ;*
*4. АЗИМОВ РАҶАБАЛӢ, 02.02.1960, муаллими калони кафедраи мудофиаи граждан ва омодагии дифои ҳарбӣ;*
*5. МУҚИМОВ ОДИНАШО, 02.02.1961, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ;*
*6. НАИМОВ АНВАР, 02.02.1983, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*7. РАҲИМОВ РАМАЗОН, 02.02.1997, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;*
*8. ШЕРОВ РУСТАМ, 04.02.1983, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;*
*9. ҲАЙДАРОВ МУСЛИМ, 05.02.1986, ассистенти кафедраи психология;*
*10. НИЛУФАРИ САЙДАҲРОР, 05.02.1994, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;*
*11. КАРИМҶОНЗОДА МАНУЧЕҲР, 05.02.1996, н.и.ҳ., дотсент, декани факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;*
*12. ҚУРБОНОВ КАРОМАТУЛЛО, 06.02.1993, мутахассиси раёсати таълим;*
*13. БОЗОРОВ ИСФАНДИЁР, 06.02.1996, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;*
*14. АДОЛАТИ ХУРШЕД, 09.02.1993, мутахассиси шуъбаи умумӣ;*
*15. АНВАРЗОДА ДИЛОВАР, 09.02.1993, мутахассиси раёсати тарбия;*
*16. АЛИЕВА БАХТИНИССО, 10.02.1973, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
*17. ҚУРБОНЗОДА КАРОМАТУЛЛО, 10.02.1994, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*18. ҶУМАЕВ МУҲИДДИН, 12.02.1987, ассистент кафедраи психология;*
*19. ҒАФФОРОВ САТТОР, 13.02.1949, н.и.ф-м., дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;*
*20. АСОЕВА КОМИЛАХОН, 13.02.1965, н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР;*
*21. ФОЗИЛОВ СУБҲОН, 15.02.1942, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*22. ҚАЛАНДАРОВА МАНЗУРА, 16.02.1978, муаллими калони кафедраи МТФ ва ТМ;*
*23. НАБИЕВ РИЗВОН, 16.02.1989, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*24. ҶОБИРОВ ШОКИРҶОН, 16.02.1991, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*25. ИСУФОВ ДИЛШОД, 17.02.1983, н.и.к., дотсент, декани факултети химия ва биология;*
*26. ЗУЛФИЯИ ҶИЁНХОН, 17.02.1990, ассистенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;*
*27. САОДАТИ РАҲМОНАЛӢ, 18.02.1992, н.и.п., мудири кӯдакистони «Ситора»-и назди донишгоҳ;*
*28. ЗАРИФОВ ҲАБИБУЛЛО, 18.02.1995, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*29. БОЗОРОВ ХУШВАХТ, 20.02.1955, н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо;*
*30. ГУЛАМАДШОЕВ ШОКИР, 20.02.1986, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ;*
*31. ЁРМАТЗОДА АЛИШЕР, 20.02.1992, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо;*
*32. МАҲМАДИЗОДА АБДУРАҲМОН, 22.02.1994, сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус;*
*33. ТАҒОЕВ САЙМУМИН, 22.02.1994, ҷонишини декан оид ба таълим дар факултети омӯзгорӣ;*
*34. ҒУЛОМОВА МОҲИРА, 23.02.1971, мудири кабинети кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
*35. АЛИМОВ ҚОБИЛ, 23.02.1996, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*36. МИРЗОЕВА МАҲТОВБӢ, 25.02.1958, н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик;*
*37. ҚОДИРОВА ДИЛАФРӮЗ, 25.02.1971, дотсенти кафедраи МТФ ва ТМ;*
*38. ОДИНАЕВ АБДУЛФАЁЗ, 25.02.1974, муаллими калони кафедраи методикаи таълими информатика;*
*39. ЭРГАШЕВА ШАҲНОЗА, 25.02.1984, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;*
*40. МАДАМИНОВА МУРОДБЕГИМ, 27.02.1983, лаборанти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*
*41. АБДУЛЛОЕВА ШАҲНОЗА, 27.02.1988, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*
*42. ШАРИФОВ АҲЛИДДИН, 28.02.1996, ассистенти кафедраи фалсафа;*
*43. САФАРОВ САЙТОҶИДДИН, 29.02.1988, н.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими информатика;*
*44. ҶУРАХОНЗОДА ГУЛРӮ, 29.02.1992, н.и.п., муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ.*

*Таҳияи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор
АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор
МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
РАФИЕВ САФАРХОН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
САФАРЗОДА МУНИР,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст.
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!
СОМОНА | FACEBOOK